*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 7 (12335)
17 феврали
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

БУНЁДКОРӢ

## «Бобуна» ифтитоҳ ёфт



9 феврал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон бинои иловагии ширхоргоҳ - кӯдакистони рақами 22-и “Бобуна”-ро баъди азнавсозиву таъмири куллӣ мавриди баҳрабардорӣ карор доданд.

Кӯдакистон дар заминаи дастгирии давлатӣ оид ба рушди соҳаи маориф, ҷиҳати амалисозии дастуру ҳидоятҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат, баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ба истифода дода шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки бино бо харҷи 3 миллион сомонӣ маблағ пурра азнавсозӣ гашта, он бо тарҳу лоиҳаи хоса барои таълиму тарбияи то 180 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст.

Иншоот аз 2 ошёна, хонаҳои алоҳидаи хоб ва машғулиятгузаронӣ барои 6 гурӯҳ, толори мусиқӣ, ҳуҷраи тиббӣ, ҳуҷраҳои корӣ ва ёрирасон иборат аст. Дар саҳни ҳавлӣ суҳбаткадаҳои мавсимӣ, ҳавзи шиноварӣ мавҷуд буда, муассиса барои таъмини фаъолияти мунтазаму самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистон ба шабакаи гармидиҳӣ пайваст мебошад.

Бо бунёди бинои иловагӣ 15 нафар мутахассис бо кор таъмин гаштанд, ки бо ин шумораи кормандону мутахассисон дар ширхоргоҳ - кӯдакистони “Бобуна” ба 45 нафар расид.

Раванди таълиму тарбия дар муассиса асосан бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. 2 гурӯҳи алоҳида пурра бо забони русӣ амал мекунад. Ҳамзамон ба омӯзиши забонҳои дигари хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ ва русӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шуда, тарбиятгирандагон тибқи нақшаи барномаи давлатӣ ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҷалб карда мешаванд.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои муассисаи томактабӣ зиёд кардани шумораи кӯдакистонҳоро дар маҳал тадбири муҳим ҷиҳати фарогирии ҳар чи бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ намуданд.

## Бинои нави Маркази таҳсилоти иловагӣ

Дар идомаи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Муассисаи давлатии Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Гулистонро мавриди истифода қарор доданд.

Муассисаи давлатии Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Гулистон бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва корхонаҳои саноатӣ бунёд гардидааст.

Корҳои сохтмонии бино аз моҳи марти соли 2021 оғоз гардида, дар муҳлати 10 моҳ пурра ба анҷом расонида шуд. Бинои мазкур аз 3 ошёна ва таххона иборат буда, дорои 13 синфхона, маҷлисгоҳ барои 60 нафар ва толори хониш барои 20 нафар мебошад. Муассиса дорои маркази гармидиҳӣ аст.

Дар таххонаи бино барои 30 нафар занон ва духтарони имконияташон маҳдуд коргоҳи дӯзандагӣ ташкил карда шудааст.

Зимни шиносоӣ бо шароити забономӯзӣ ва синфхонаҳои касбу ҳунаромӯзии Муассисаи давлатии Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри



Гулистон Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

## АМРИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Соли 2022 озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоизаҳо ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

3. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, барои ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён, аспирантону докторантон ва дигар қишрҳои ҷомеа, ки ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин, ихтироъкориву навоварӣ шавқу рағбат доранд, чораҷӯӣ карда, ғолибонро бо ҷоиза ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2022 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ кардани чорабинии мазкур 2 345 000 (ду миллиону сесаду чилу панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври накд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе**
**3 феврали соли 2022**
**№АП-155**

*(Нигаред ба саҳ. 3-6)*

### ДАР ИН ШУМОРА:

*Артиши миллӣ – ҳомии осоиши мардум* саҳ. 7
*Боз ҳам дар бораи сифат* саҳ. 8–9
*Дарсҳои видеоӣ* саҳ. 11
*Таҳсилот ва замон* саҳ. 12
*Ҳар рӯзеро самарест* саҳ. 13
*Хидматаш арзандаю назаррас аст* саҳ. 14

Ба ҷон кандан ояд бурун зар зи санг.
Ҳикмат



ҒАМХОРӢ

# Туҳфаҳо ба ятимон

9 феврал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи «Темурмалик»-и шаҳри Гулистон дар тарабхонаи наву замонавӣ, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Баҳодур Маҷидов бунёд гардидааст, бо 80 нафар ятимони кул, ки сокинони шаҳри Гулистон ва ноҳияи Ашт мебошанд, мулоқот намуданд.

Чун анъана Сарвари ятимпарвари тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як сафари кориашон нахуст аз ҳолу аҳволи ятимон бохабар гардида, нисбат ба ин қишри ҷомеа ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Зимни суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат ҳамеша ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа, бахусус, ятимон таваҷҷуҳи ҳамаҷониба равона месозад. Давлату Ҳукумати Тоҷикистон сарпарастии ятимонро ба дӯши худ гирифтааст ва то ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳодани онҳо барои таълиму тарбия ва ба камол расиданашон тамоми шароитҳои заруриро муҳайё месозад.



Дар ҷавоб ба ин ғамхорӣ наврасону ҷавононро зарур аст, ки илм омӯзанд, донишҳои замонии муосирро аз худ намуда, дар оянда ҳамчун фарзанди содиқи Ватан ба халқу давлат хизмати шоиста намоянд. Ба 80 нафар ятимони кулл туҳфаҳои молию пулии Сарвари давлат тақдим карда шуд.

Наврасону ҷавонон бо шукргузорӣ аз Ватани ободу пешрафта изҳор доштанд, ки ғамхориҳои падаронаи Президенти мамлакатро ҳамеша эҳсос мекунанд. Барои тарбия ва ба камол расиданашон аз ҷониби Ҳукумати мамлакат тамоми шароит муҳайё карда шудааст. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо ваъда доданд, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, дар оянда барои хизмат ба халқу ватан кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

# Ҷашни Сада дар Хуҷанд

10 феврал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои идона бахшида ба ҷашни Сада дар шаҳри Хуҷанд иштирок карда, аз намоиш ва фурӯши ниҳоли дарахтони мевадиҳанда, сояафкан, гулу буттаҳо ва тухмиҳои босифат боздид ба амал оварданд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҷашнгоҳ сокинони вилоят бо самимияти хоса истиқбол гирифтанд. Гӯшаи аслии намоишгоҳро ба муносибати ҷашни Сада дар шаҳри Хуҷанд ташкили намоиши калони маҳсулоти ҳунармандии хос ба кишту кор ва деҳқониву чорводорӣ, монанди маҳсулоти оҳангарӣ, маҳсулоти деҳқонӣ, бахусус, тухмии зироатҳо, меваҳову полезиҳо ва хушкмеваҳои хоси Тоҷикистон



ташкил дод.

Дар намоишгоҳ, ҳамчунин, асал ва маҳсулоти аз асал омодашуда, маҳсулоти нониву қаннодӣ, таомҳои хос ва халқи




тоҷик ҷойгир карда шуд. Дар як қисмати ҷашнгоҳ намоиши бошукӯҳи либосу газворҳо ва матоъҳои миллии тоҷикон, аз қабили алоча, бекасаб, атлас, адрас, чит, сатин ва навъҳои дигари ҳунармандӣ, аз қабили зардӯзӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ, заргарӣ, бурёбофӣ, сабадбофӣ, армуғонсозӣ ва дигар намуди ҳунарҳо ташкил карда шуд. Умуман, саҳнаи ҷорабинии идона ба муносибати ҷашни Сада мувофиқи суннатҳои аҷдодӣ оро дода шуда, дар ду гӯшаи он ба таври сунъӣ оташи баланд, ки хос ба ин ҷашни бостонист, афрӯхта шуд. Ҳамаи инро сокинони 18 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ҳамчун рамзи иттиҳоду сарҷамъии миллат ташкил намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи шоиста баргузор сохтани ҷашнҳои миллиро, ки тайи солҳои охир дар мамлакат ба ҳукми анъана даромадааст, нишонаи иттиҳоду сарҷамъӣ ва ҷонибдории сокинони шарафманд аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ арзёбӣ намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташкилкунандагони ин ҷашни бостонӣ ва сокинони вилоят, ки дар тарғиби анъана ва русуми миллӣ ба ифтихори таҷлили Сада саҳмгузорӣ карданд, арзи сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

*President.tj*

СОЗАНДАГӢ

Дар Ҷамоати деҳоти Ориёни ноҳияи Ашт майдончаи варзишӣ, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Талаб Каримов бо харҷи 200 ҳазор сомонӣ бунёд шуда, барои футболи хурд пешбинӣ шудааст, мавриди истифода қарор гирифт.

Дар ифтитоҳи он раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода иштирок намуда, бунёди чунин иншоотро барои рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карда,

## Бунёди майдончаи варзишӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар Ашт

гуфт, ки наврасону ҷавонон бояд аз имконияти мавҷуда пурсамар истифода баранд.

Мавриди зикр аст, ки дар ноҳия се мактаби варзишӣ ва даҳҳо толору майдончаи варзишӣ фаъолият дошта, ҷалби ҳарчӣ бештари аҳолӣ ба варзиш мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ҷамоати мазкур синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 63 ба истифода дода шуд. Бунёди синфхонаҳои иловагӣ моҳи июни соли 2021 оғоз гардида, бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва иқдоми соҳибкорону саховатмандон бо харҷи 100 ҳазор сомонӣ чор синфхонаи нав сохта шуд.

Дар зимн супориш дода шуд, ки ба таълиму тарбияи насли наврас, азхудкунии касбу ҳунар ва забономӯзии хонандагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад.

# Оғози сохтмони биноҳои ду коллеҷ дар пойтахт

Дар хиёбони Рӯдакии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе сохтмони бинои Коллеҷи хореографии ба номи Малика Собирова барои 140 хонанда ва Коллеҷи санъати ба номи А. Бобокулов барои 320 хонанда оғоз гардид. Дар як қисмати бинои мазкур Коллеҷи хореографӣ ва дар тарафи дигари он Коллеҷи санъат ҷойгир карда мешаванд.

Тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 9 декабри соли 2021, №728 гурӯҳи лоиҳакашии Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе лоиҳаи бинои мазкурро таҳия намуд. Шакли берунии бино ба Театри академии давлатии опера ва балети ба номи С.Айнӣ шабоҳат дошта, масоҳати он 3600 метри мураббаъ дар бар мегирад. Дар муассисаи таълимӣ дар баробари дигар утоқҳо, бунёди 32 синфхонаи муосир ва 6 адад толори барҳавои рақс барои жанрҳои гуногун пешбинӣ гардидааст. Шароити таълим дар муассисаи мазкур ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад.



Ёдовар мешавем, ки Муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи М.Собирова» соли 2003 таъсис ёфтааст. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2007 таълимгоҳ ба номи балеринаи шинохтаи тоҷик, Ҳунарманди халқии ИҶШС Малика Собирова гузошта шудааст. Дар коллеҷ мутахассисони касбии соҳаи хореография барои ансамблҳои рақсӣ ва Театри академии давлатии опера ва балети ба номи С.Айнӣ тайёр карда мешаванд.

Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобокулов соли 1945 ҳамчун омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе дар заминаи мактаби мусиқии № 1 таъсис дода шуд ва он дар бинои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ қарор дошт. Соли 1950 омӯзишгоҳ ба бинои нав кӯчид. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004 ба Муассисаи давлатии Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобокулов табдил дода шудааст.

Соли 2022 дар Тоҷикистон хатсайри сайёҳии саноатӣ ташкил мегардад.

# Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат»

**Замимаи 1**
**ба амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3 феврали соли 2022,**
**№АП-155**

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» (минбаъд - озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор карда мешавад.

2. Озмун бо мақсади рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (бакалаврон ва магистрон), ходимони илмӣ (ба истиснои докторони илм, профессорон, узви АМИТ ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, муҳандисон, конструкторон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун баргузор мегардад.

3. Озмун аз рӯйи ҳафт номинатсия гузаронида мешавад:

- математика (арифметика, алгебра, геометрия);
- физика ва астрономия;
- химия;
- биология (ботаника, зоология, анатомия);
- география;
- технологияи иттилоотӣ;
- ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

### 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

4. Сарпарасти озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Масъулони баргузории озмун Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ ва Саридораи геология мебошанд.

6. Кумитаи телевизион ва радио, АМИТ «Ховар», нашриёҳои давлатӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории озмун иштирок мекунанд.

7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун масъул буда, ғолибон, омӯзгорон ва волидайни онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

8. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, маориф, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони онҳо масъули ташкил ва баргузории озмун мебошанд.

### 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

9. Барои гузаронидани озмуни «Илм-фурӯғи маърифат» комиссия таъсис дода мешавад, ки ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

10. Ваколати комиссияи озмун:

- таҳияи ҷадвали баргузории озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми озмун;
- гузаронидани семинарҳои машваратӣ барои ҳайати ҳакамон ва масъулони гузаронидани озмун дар тамоми даврҳо;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни озмун ба даври ниҳоӣ;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон ва иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва шиносоӣ.

### 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

11. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи апрел то охири моҳи ноябр ба тарзи зайл ташкил ва гузаронида мешавад:

- даври якум - моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо;
- даври дуюм - моҳи май дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе);
- даври сеюм - нимаи дуюми моҳи сентябр дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рашт;
- даври чорум - даври ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм то 25-уми ноябр дар муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таълимии сохтори Вазорати маориф ва илм баргузор мегардад.

12. Протоколи ҳайати ҳакамон ба комиссияи ҷумҳуриявӣ ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рашт, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва раиси ҳакамон пешниҳод мешавад.

13. Ҷойи баргузории даврҳои озмун дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз тарафи роҳбарони онҳо муайян карда мешавад.

14. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рашт, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ вогузор карда мешавад.

15. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми озмун тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш мегарданд. Ҷараёни баргузории даври чорум пурра тавассути телевизионҳои давлатӣ сабт ва намоиш дода мешавад.

16. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи озмун то 10-уми моҳи ноябр муқаррар карда мешавад. Дар ҳар як давр то 5 ғолиби ҷойҳои якум, дуюм (то ду нафар) ва сеюм (то ду нафар) муайян карда мешаванд.

17. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти вай) метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад.

18. Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио масъули раванди гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони даври чоруми озмун мебошанд.

### 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

19. Дар озмун шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрантҳо, аспирантҳо, докторантҳо, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантҳои ҳабилитат), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок карда метавонанд;

20. Шартҳои ташкил ва баргузории озмун аз ҷониби комиссияи озмун назорат карда мешавад.

21. Довталаб 10 рӯз пеш аз оғози озмун санадҳои зеринро бо ариза ба комиссияи озмун пешниҳод менамояд:

- тарҷумаи ҳол (шакли тасдиқшудаи намунаи он аз ҷониби Академияи миллии имҳо пешниҳод мешавад);
- маълумотнома аз макони зист ё ҷойи таҳсил;
- маълумотнома доир ба ихтисос, патент ва ё шаҳодатномаи муаллифӣ (барои ихтироъкорон ва навоварон).

22. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ суроға ва ҷойи баргузории озмунро барои довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамоянд.

23. Барандаи Шоҳҷоиза ва шахсоне, ки дар даври чоруми озмун ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ишғол менамоянд, то се сол ҳуқуқи ширкат дар озмунро надоранд.

24. Барои иштирок дар даври чоруми озмун ба комиссияи озмун иловатан ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- маълумоти мухтасар дар бораи довталаб;
- нусхаи патент ва ё шаҳодатномаи муаллифӣ;
- номгӯи дастгоҳ ва таҷҳизоти ихтироъшуда;
- пешниҳодҳои хусусияти навоваридошта;
- протоколи даври сеюми озмун.

### 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

25. Донишу истеъдоди иштирокчиёни озмун аз рӯйи донишҳои назариявии донистани қонуну қоидаҳо, теоремаву аксиомаҳо, назарияҳо, фаҳмонида додани моҳияти ҳодисаҳо ва равандҳои табиат, ҳалли масъалаҳои амалӣ ва корҳои озмоишӣ, инчунин, намоиши дастоварди илмӣ ва навовариҳо муайян карда мешавад.

26. Як шахс танҳо дар як номинатсия аз номи як муассиса ё маҳалли зист иштирок карда метавонад.

### 7. МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

27. Вобаста ба номинатсия пешниҳоди супоришҳои озмун (10 супориш ё саволу масъала) дар шакли зерин сурат мегирад:

- дар математика 40% назариявӣ ва 60% амалӣ;
- дар физика ва астрономия 50% назариявӣ ва 50% амалӣ-озмоишӣ (бо таносуби 80% физика ва 20% астрономия);
- дар химия 40% назариявӣ, 40% хаттӣ-амалӣ ва 20% озмоишӣ;
- дар биология 50% назариявӣ ва 50% амалӣ;
- дар география 50% назариявӣ ва 50% амалӣ;
- дар технологияи информатсионӣ 20% назариявӣ ва 80% амалӣ;
- дар ихтироъкорӣ ва навоварӣ аз рӯйи пешниҳоди ихтироот ва навоварӣ, аз ҷумла, дастгоҳу таҷҳизот, техникаву технология, навъу намунаҳои нави зироат, дарахту буттаҳо ва маводи доруворӣ.

28. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба дониш, маҳорат ва малакаи довталабон аз ҷониби комиссияи озмун ҷадвали 100-хола (ба ҳар савол ё супориш то 10 хол) муқаррар карда шуда, ҳайати ҳакамони озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталабон аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- барои ба пуррагӣ ҷавоб додан ба саволҳои назариявӣ, дуруст пешниҳод намудани қонуну қоидаҳо, назарияҳо, теорема ва аксиомаҳо, моҳияти ҳодисаҳои табиат, дуруст ҳал кардани мисолу

масъалаҳо, пурра анҷом додани корҳои озмоишӣ то 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар то 4 хол, барои ҷавоби миёна то 3 хол, барои ҷавоби заиф то 2 хол гузошта шуда, барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол дода намешавад;

- барои ихтироъкорон то 100 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки он бо патент (ё шаҳодатномаи муаллифӣ) - и байналмилалии ташкилотҳои эътирофгардида ва ё ҷумҳурӣ ҳифз шудааст, дар истеҳсолот ҷорӣ гардидааст ё имкони ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, элементҳои навоварӣ мавҷуд буда, натиҷаи тиҷоратикунонии он пешниҳод шуда бошад. Баҳои то 80 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки дар он хусусиятҳои навоварӣ мавҷуд аст, имкони дар истеҳсолот ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, вале бо патент тасдиқи худро наёфтааст. То 60 хол барои ихтирооте дода мешавад, ки дар он унсурҳои навоварӣ ҷой доранд, то 50 хол барои сохтани конструксияҳои муайян, ки унсурҳои навоварӣ надорад, дода мешавад. Барои намунаҳои дастовардҳои аллакай мавҷуда то 30 хол дода мешавад;

- барои иштирок дар даври сеюм ва ҷорум дар номинатсияи ихтроъкорӣ ва навоварӣ байни донишҷӯён, ходимони илмӣ ва намояндагони касбу кори гуногун дар сурати набудани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент, нахустпатент, патенти авруосиёгии муаллифи ихтироъ) иҷозат дода намешавад;

- саволҳои назариявӣ дар шакли билет ба иштирочиён пешниҳод карда мешаванд;

- барои ҷавоби пурра додан ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо пурра ҳал намояд ва пешниҳоди натиҷаҳои саҳеҳ то 10 хол дода мешавад. Барои ҷавобҳо ба саволҳои назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд, то 8 хол, барои ҷавобҳо ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд то 6 хол, барои ҷавоб ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барнома то 4 хол, барои ҷавоб танҳо ба саволи назариявӣ то 2 хол дода мешавад;

- холи натиҷавии ба дастовардаи иштирокчиён дар асоси ҳисоби қимати миёнаи холи гузоштаи ҳар як узви ҳайати ҳакамон муйян карда мешавад;

- дар сурати аз 70% кам ба даст овардани холҳо дар номинатсия ҷойи якум дода намешавад.

**8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН**

29. Шумора ва ҳайати ҳакамонро комиссия муайян месозад.

30. Ҳайати ҳакамони озмун дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рашт аз ҷониби раисони ноҳия, шаҳр ва вилоят бо санади дахлдор тасдиқ карда мешаванд ва онҳо корҳои зеринро иҷро мекунанд:

- тибқи пешниҳоди комиссияи озмун донишу истеъдоди иштирокчиёнро натиҷагирӣ мекунанд;

- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамоянд;

- натиҷаи озмун дар протокол дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ карда мешавад.

31. Ба ҳайати ҳакамони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, олимону муҳаққиқон ворид мешаванд. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису муовинонаш бояд 7 нафар бошад.

32. Шахсе, ки шогирдаш ё узви оилааш дар озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

33. Хулосаи ҳайати ҳакамон дар комиссияи озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

34. Комиссияи озмун дар ҳолати ҷавобгӯ набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи озмун салоҳияти ҳалли онро дорад.

**9. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД БАРОИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА**

35. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе роҳ дода мешавад, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯи номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҷойи якумро сазовор гардидааст.

36. Агар барандаи Шоҳҷоиза намоянда аз табақаҳои касбу кори гуногун бошад, бо пешниҳоди комиссияи ҷумҳуриявии озмун бо тартиби муқаррарргардида бо мукофоти соҳавӣ сарфароз гардонида мешавад.

**10. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН**

37. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври ҷоруми озмун, таъмини сафархарҷии ҳайати ҳакамон дар даврҳои якум, дуюм ва сеюм, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

38. Ғолибони даврҳои якум, дуюм, сеюми озмун ва омӯзгорону волидони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ташкилоту муассисаҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

39. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рашт, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тартиби додани мукофот ва ҷоизаро дар даврҳои якум, дуюм ва сеюм тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

40. Ба ғолибони даври ҷорум ва барандаи Шоҳҷоиза тибқи тартиби муқаррарргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

41. Ҷоиза ва мукофоти пулии ғолибони озмун ва омӯзгорони онҳо дар маросими тантанавӣ аз ҷониби намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад.

42. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун ва омӯзгорони онҳо, ҷалби сарпарастон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

43. Иштирокчиёни ҷойҳои 4, 5, 6 даври ҷоруми озмун бо нишони «Илм ва инноватсия» ва «Ифтихорнома»-и Академияи миллии илмҳо сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Академияи миллии илмҳо таҳия ва тасдиқ менамояд.

44. Падару модароне, ки фарзандони онҳо дар даври ҷорум ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ба даст меоранд, соҳиби нишони «Маърифатпарвар» ва «Ифтихорнома»-и Академияи миллии илмҳо мегарданд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд.

45. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдони онҳо дар даври ҷоруми озмун барандаи Шоҳҷоиза ва сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мегарданд, бо мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

**11. ИМТИЁЗҲО**

46. Ғолибони даври ҷорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ бе озмун ба тариқи ройгон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибони даври ҷоруми озмун ва барандаи Шоҳҷоизаро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррарот муайян менамояд.

47. Иштирокчиёни даври ҷорум ба ихтисосҳои фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ва техникӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар бе озмун ба тариқи ройгон қабул карда мешаванд.

48. Омӯзгороне, ки шогирдонашон дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 мегарданд, соҳиби унвони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон мегарданд.

49. Вазорати маориф ва илм якҷо бо Академияи миллии илмҳо протокол ва санадҳои ғолибони озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупоранд.

# ҲАЙАТИ комиссияи озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат»

**Замимаи 2 ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2022, №АП-155**

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) – раиси комиссияи озмун;

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи озмун;

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи озмун;

Ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси шуъбаи илмҳои физикаву математика, химия, геология ва техникӣ – котиби комиссияи озмун;

**Аъзои комиссия:**

Муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини якуми Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ;

Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев;

Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав;

Ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров;

Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт;

Директори Институти физикаю техникаи ба номи С.Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Директори Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Директори Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Директори Институти химияи ба номи И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Директори Институти ботаника, генетика ва физиологияи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Павловскии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Декани факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Декани факултети математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Декани факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Декани факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Декани факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Замимаи 3
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 феврали соли 2022,
№АП-155

# Ҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат»

**Барои ғолибони даври чоруми озмун ва омӯзгороне, ки шогирдонашон дар ин даври озмун соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мегарданд, ҷоиза ва мукофоти зерин аз рӯйи 3 гурӯҳ ва ҳафт номинатсия муқаррар карда мешаванд:**

**1. Миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи физика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи биология** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |

**2. Дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи физика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи биология** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи технологияи компютерӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |

**3. Дар байни ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантони ҳабилитат ва унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **115 000** |

**4. Шоҳҷоиза барои ихтироъкорон ва навоварон**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | 70 000 | 1 | 70 000 |

**5. Омӯзгорони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи физика** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи биология** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **5** | **50 000** |

**6. Хароҷоти иловагӣ**

| № | | | | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Омода кардани ҷоми шоҳҷоиза, ҷоизаҳо, дипломҳо ва хароҷоти дигар | | | 200 000 |

**Эзоҳ:**

- *хароҷоти марбут ба ташкил ва баргузории даври ҷамъбастии озмуни «Илм-фурӯғи маърифат» 2 345 000 (ду миллиону сесаду чилу панҷ ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Маблағи мазкур аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад;*
- *мукофотҳо бо пули миллии сомонӣ тибқи муқарраротои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пардохти андозҳо пешбинӣ шудаанд;*
- *иштирокчиёни даври чорум бо диплом сарфароз гардонида мешаванд.*

**Омодагиҳо ҷиҳати баргузории Форуми сармоягузории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ баррасӣ шуданд.**

# Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда барои иштирокчиёни озмун

## (илова ба китобҳои дарсии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида)

**Замимаи 4 ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2022, №АП-155**


1. Аброров Ҳ., Зарафшони кӯҳӣ [Матн] / Ҳ.Аброров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 96 с.
2. Аброров Ҳ., Тоҷикистон–кишвари кӯлҳои беназир [Матн] / Ҳ.Аброров. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 195 с.
3. Арнольд В.И., «Задачи для детей от 5 то 15 лет» [Текст] / В.И.Арнольд. М.: МЦНМО, 2004. — 16 с.
4. Архипов Г.И., «Лекции по математическому анализу» [Текст] / Г.И. Архипов, В.А. Садовничий, В.М.Чубариков – М.: Высш. шк. 1999. — 695 с.
5. Атлас Таджикской ССР [Текст] – Душанбе-М.: Изд-во ГУГК СССР, 1968. – 198 с.
6. Бакулин П.И., Курс общей астрономии [Текст] / П.И.Бакулин, Э.В. Кононович, В.И.Мороз. М.: Наука, 1976. 274 с.
7. Баратов Р.Б., Каменное чудо Таджкистана [Текст] / Р.Б.Баратов, В.П.Новиков – Душанбе, Ирфон, 1988. – 216 с.
8. Будруджак П., Задачи по химии [Текст] / П.Будруджак – 2017.
9. Виноградов И.М., «Основы теории чисел» [Текст]: Учебник / И.М., Издательство «Лань», 2006. — 176 с.
10. Волькенштейн В.С., Сборник задач по общему курсу физики [Текст] / В.С. Волькенштейн. М., 1985. - 384 с.
11. Воронцов-Вельяминов Б.А.Астрономия. 11 класс [Текст] / Б.А. Воронцов-Вельяминов, Страут Е.К. М.: Просвещение, 1989. - 159 с.
12. Воронцов-Вельяминов, Б.А. Сборник задач по астрономии [Текст] / Б.А.Воронцов-Вельяминов. М.: Просвещение · Год: 1980. – 147 с.
13. Глинка Л.Н., Общая и неорганическая химия [Текст]: Учебное пособие / Л.Н.Глинка – М.: КноРус, 2014. 261 с.
14. Гмурман В.Е., «Руководство к решению задач по теории вероятностей и математической статистике» [Текст] / В.Е. Гмурман – 1999. – 400 с.
15. Гмурман В.Е., «Теория вероятностей и математическая статистика» [Текст] / В.Е.Гмурман – 2003. 358 с.
16. Гнеденко Б.П., «Курс теории вероятностей» [Текст] / Б.П.Гнеденко – М.: Наука, 1998. 317 с.
17. Гольдфарб Я.Л., Сборник задач и упражнений по химии [Текст] / Я.Л.Гольфарб, Ю.В.Ходаков – 2019. 124 с.
18. Гринвуд Н.Н., Химия элементов [Текст] / Н.Н.Гривуд, А.Эрншо. - 184 с.
19. Дагаев М.М., Сборник задач по астрономии [Текст] / М.М.Дагаев. 1980. – 128 с.
20. Даффет-Смит П., Практическая астрономия с калькулятором [Текст] / П.Даффет-Смит. 1982. – 174 с.
21. Демидович Б.П., «Сборник задач и упражнений по математическому анализу» [Текст] / Б.П. Демидович – 1997.
22. Еремин В.В., Теоретическая и математическая химия [Текст] / В.В.Еремин. М.: МЦНМО, 2007. – 392 с.
23. Зыков А.Г., «Математическая логика» [Текст] / А.Г.Зыков, В.И.Поляков, В.И. Скорубский – СПб: НИУ ИТМО, 2013. – 131 с.
24. Иброҳимов Х., Ҳалли масъалаҳо аз химия [Матн] / Х.Иброҳимов. Душанбе: Ирфон, 2018. – 214 с.
25. Ильин В.А., «Аналитическая геометрия» [Текст] / В.А.Ильин, Позняк Е.Г. Издательство · Физматлит, 2019 г. 376 с.
26. Иродов И.Е., Задачи по общей физике [Текст] / Е.И.Иродов. – 2008. – 367 с.
27. Канель-Белов А.Я., «Как решают нестандартной задачи» [Текст] / А.Я.Канель-Белов, А.К.Ковальджи – М.: МЦНМО,. 2008. - 96 с.
28. Касаткина И.Л., Задачи по физике [Текст] / И.Л. Касаткина. Феникс, 2010. – 417 с.
29. Кеммерих А.О., Гидрография Памира и Памиро-Алая [Текст] / А.О.Кеммерих – М.: Мысль, 1978. – 220 с.
30. Клайден Дж., Органическая химия [Текст] / Дж.Клайден, Н.Гривз, С.Уоррен и др. М.:Оксфорд, 2001. – 601 с.
31. Клетеник Д.В., «Сборник задач по аналитической геометрии» [Текст] / Д.В.Клетеник М.: Лань – 1998.
32. Қобилов Н., Намунаи ҳалли масъалаҳо аз химия [Матн] / Н.Кобилов – Душанбе, 1995.
33. Колмогоров А.Н., «Элементы теории функций и функционального анализа» [Текст]: Учебник / А.Н.Колмогоров, С.В.Фомин. М.: Наука. – 2007. 544 с.
34. Курош А.Г., «Курс высшей алгебре» [Текст]: Учебник / А.Г.Курош. М.: Лань – 2013. – 472 с.
35. Қодиров Ф.С., Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ [Матн] / Ф.С.Қодиров – Душанбе, 2012. – 20 с.
36. Лаврентьев М.А., «Методы теории функций комплексного переменного» [Текст] /М.А.Лаврентьев, Б.В.Шабат. М.: Наука. – 2005. – 475 с.
37. Лавров И.А., «Задачи по теории множеств, математической логике и теории алгоритмов» [Текст] / И.А.Лавров, Л.Л.Максимова – 1984.
38. Ландсберг Г.С., Элементарный учебник физики [Текст]: В 3-х томах. – М., 1985.
39. Мартынов Д.Я., Курс общей астрофизики [Текст] / Д.Я.Мартынов. М.: Физический факультет МГУ, 2005, 192 с.
40. Мусоев З., Ледники Таджикистана [Текст] / З.Мусоев, Н.Дилмуродов. – Душанбе, 1994. – 186 с.
41. Мухаббатов Х.М., Памир: ресурсный потенциал и перспективы развития экономики [Текст] / Х.М.Мухаббатов, Н.Х.Хоналиев – Душанбе: Ирфон, 2005. – 241 с.
42. Мухаббатов Х.М., Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана [Текст] / Х.М.Мухаббатов – М.: Граница, 1999. – 335 с.
43. Муҳаббатов Х., Ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшавандаи Тоҷикистон [Матн] / Х.Муҳаббатов, А.Ниёзов – Душанбе: Контраст, 2017. – 210 с.
44. Муҳаббатов Х.М., Ганҷинаи табиати Тоҷикистон [Матн] / Х.М.Муҳаббатов – Душанбе: Ирфон, 1977. – 106 с.
45. Муҳаббатов Х.М., Об–манбаи ҳаёт [Матн] / Х.М.Муҳаббатов – Душанбе: Ирфон, 2003. – 146 с.
46. МуҳаббатовХ.М., Табиатгаҳвораи инсон [Матн] / Х.М.Муҳаббатов – Душанбе: Адиб, 2018. – 319 с.
47. Очилов Ҳ., Кӯлҳои Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Очилов, Ҳ.Аброров – Хуҷанд, 1995. – 64 с.
48. Очилов Ҳ., Об–ҳаёт аст [Матн] / Ҳ.Очилов, Ҳ.Аброров – Хуҷанд, 2003. – 190 с.
49. Проскуряков И.В., «Сборник задач по линейной алгебре» [Текст] / И.В.Проскуряков. М.: Лань – 2005. – 272 с.
50. Прасолов В.В., «Задачи по планиметрии» [Текст] / В.В.Просолов. М.: МЦНМО – 2019. – 640 с.
51. Раҳимӣ Ф., Намунаи супоришҳои тестӣ (аз фанни физика) [Матн] / Ф.Раҳимӣ, Бобоев Т.Б., Истамов Ф., Мирзоаминов Х. – Душанбе, ДМТ, 2014. – 340 с.
52. Раҳимӣ Ф., Об, илм ва рушди устувор [Матн] / Ф.Раҳимӣ, Х.Муҳаббатов, А.Ниёзов, Ҳ.Аброров – Душанбе: Дониш, 2018. – 430 с.
53. Раҳимӣ Ф., Физика (барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ) [Матн] / Ф.Раҳимӣ, Т.Бобоев, Хоҷазода Т., Д.Солех., Ф.Истамов – Душанбе, ДМТ, 2020. – 469 с.
54. Реутов О.А., Органическая химия [Текст] / О.А.Реутов, А.Л.Курц, К.П.Бутин. М.: Лаборатория знаний. – 2017. – 570 с.
55. Рымкевич А.П., Сборник задач по физике для 9-11 классов средней школы [Текст] / А.П.Рымкевич. М.: Просвещение – 2008. – 213 с.
56. Савельев И.В., Курс общей физики [Текст]: В 3-х томах / И.В. Савельев.
57. Сапожников Г.Н., ЗаказникиТаджикистана [Текст] / Г.Н.Сапожников, Х.М.Мухаббатов – Душанбе: Ирфон, 1989. – 160 с.
58. Свитанько И.В., Олимпиадные задачи по химии [Текст]: Учебное пособие для подготовки к олимпиадам школьников по химии / И.В.Свитанько, В.В.Кисин, С.С.Чуранов – М., 2017.
59. И.Сканави «Сборник задач по математике для поступающих во ВТУЗы» [Текст] / Под ред.: М.И.Сканави. – 6-е изд. – 2013. – 684 с.
60. Таджикистан: природа и природные ресурсы [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1982. – 600 с.
61. Тахиров И.Г., Водные ресурсы Республики Таджикистан [Текст] / И.Г.Тахиров, Г.Д.Купайи – Душанбе: НПИЦентр, 1994. – Кн.1. – 130 с. – 1998. – Кн.2. – 120 с.
62. Филиппов А.Ф., «Сборник задач по дифференциальным уравнениям» [Текст] / А.Ф. Филиппов. М.: УРСС – 2000. – 169 с.
63. Ҳакимов Н.Қ., Геодезия [Матн] / Н.Қ.Ҳакимов, М.Н.Ҳакимов – Душанбе, 2016. – 136 с.
64. Шульц В.Л., Реки Средней Азии [Текст] / В.Л.Шульц. – Ленинград: Гидрометеоиздат, 1963. –301 с.


***Эзоҳ: Сарчашмаҳои иловагӣ дар сомонаи интернетии www.ravshanfikr.tj ҷой дода мешаванд.***

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

# Омӯхтани сад забон осон гардад

Дар замони муосир, дар баробари донистани забони модарии худ, донистани забонҳои дигар ба мо имконият медиҳад, ки ба урфу одат, таъриху тамаддун ва забону адабиёти халқияту миллатҳои дигар шинос гардем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханронии худ аҳамият ва зарурати омӯхтани забонҳои хориҷиро таъкид менамоянд. Пешвои миллат зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2016 қайд карданд, ки «бо назардошти вазъи имрӯзаи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ва бо ҷойи кор таъмин кардани шумораи ҳарчи бештари шаҳрвандон Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳо, роҳбарони ташкилоту корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, инчунин, соҳибкорон, масъулони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ чораҷӯӣ намуда, ҷиҳати таъсиси курсҳои таълими касбу ҳунар ва забономӯзии шаҳрвандон тадбирҳои иловагӣ андешанд».

Омӯхтани забонҳои хитоӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ ва ғайраҳо имрӯз дар ҷомеаи мо тавассути марказҳои забономӯзӣ хеле роиҷ гардида бошад ҳам, донистани аз худ кардани забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар аҳамияти муҳим дорад. Зеро, ба ақидаи мо, донистани ин ду забон чун забони муоширати байни миллатҳо барои мо, тоҷикон, хеле зарур аст.

Омӯзгорону устодони муассисаҳои таълимӣ ҳамеша баҳри омӯзиш ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои содатару пурсамари омӯзиши забонҳои хориҷӣ мекӯшанд, ки ин аз ҳамасола дар озмунҳои байналмилалӣ ҷойҳои ифтихориро соҳиб гаштани хонандагону донишҷӯёни кишвари азизи мо дарак медиҳад. Аммо ҳоло ҳам дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ камбудиҳо ҷой дорад.

Ба андешаи инҷониб, барои он ки дар макотиби олии кишвар омӯхтани забонҳои хориҷӣ ба донишҷӯён осон гардад, бояд таълими забонҳои хориҷиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо методу усулҳои нави таълим ба роҳ монд. Устодони фанни забони хориҷӣ ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаро зарур аст, ки роҳҳои ҳавасмандкунии хонандагонро барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русиву англисӣ ҷустуҷӯ намоянд.

Дар таҷриба борҳо исбот шудааст, ки яке аз роҳҳои осон ва самараноки аз худ намудани забонҳои хориҷӣ, хуб омӯхтану дурусту бегалат ба забони модарии худ гап зада тавонистани шахс мебошад. Беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳар кас ба забони худ*
*сухандон гардад,*
*Омӯхтани сад забон осон*
*гардад.*

Ҳар шахсе, ки бо забони модарии худ фасеҳу шево ва бехато сухан гуфта метавонаду таркиби луғавии бой дорад, ҳар гуна забони хориҷиро бе ҳеҷ душворӣ ва хеле зуд аз худ карда метавонад. Ба андешаи мо, дар муқоиса бо забони худ, омӯхтани забони ғайр яке аз усулҳои хуби забономӯзӣ дар методикаи таълим мебошад.

**Ч. ҲАКИМОВ,**
**С. БОБОЕВ,**
***омӯзгорони МТМУ №25, ноҳияи Айнӣ***

23 ФЕВРАЛ – РӮЗИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Артиши миллӣ – ҳомии осоиши мардум

**Аз таъсиси Артиши Миллӣ 29 сол пур мешавад. Дар тӯли ин солҳо афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари соҳибистиқлоламон аз имтиҳони мактаби мардонагӣ ва мубориза ву набардҳои сангин сарбаландона гузаштанд. Онҳо барои ҳимояи дастовардҳои даврони Истиқлолият ва ҳифзи обу хоки сарзамини аҷдодӣ хизмати содиқона карда истодаанд.**

Имрӯз афсарону сарбозонии далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо дарки баланди масъулияти касбӣ вазифаҳои худро содиқона ба ҷой оварда, барои пешгирии ҳама он амалу кирдоре, ки амният ва ҳаёти осоиштаи сокинони кишварро зери хатар мегузоранд, омодаанд.

Вақте ки ба таърихи гузашта назар меафканем, мебинем, ки аз рӯзҳои аввали таъсиси Аритиши миллӣ афсарони мо бо дарки баланди худшиносию хештаншиносӣ новобаста аз қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ оғоз гардид. Дар ин давра ҳамчунин ҷузъу томҳое, ки тавонанд мутобиқи тағйирёбии воқеии вазъи ҳарбӣ-сиёсии минтақа амал намоянд, созмон ёфтанд.

Давраи сеюми таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ пас аз имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз гардид.

Таърихи қаҳрамонию шуҷоат, далерию матонати падарону бобоёни мо барои ҳар як хизматчии ҳарбӣ дарси ибрат аст ва ташак-




сардию паст будани шароити иқтисодию иҷтимоии кишвар бо гурӯҳҳои ҷиноятӣ ҷангида, дар танзими сохтори конститутсионӣ саҳм гузоштаанд.

Таҳкурсии моддӣ-техникӣ умуман вуҷуд надошт. Норасоӣ ба кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассисони касбӣ дар ҳама сохторҳои қудратӣ дида мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвор муқовимат карда, роҳи пурпечутоберо тай намуданд.

Мақсади асосии давраи аввали таъсиси Артиши миллӣ ташкили қувваҳои ҳарбие буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро дошта бошад. Ба ин мақсад баталионҳои тирандоз таъсис ёфтанд, ки вазифаи асосии онҳо муқовимат бо қувваҳои зиддидавлатӣ ва муҳофизати сохти конститутсионӣ буд.

Давраи дуюм, ташкили сохторҳои гуногуни штатӣ буда, бо таъсиси намудҳои асосӣ, ба монанди қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қули хусусияти миллӣ доштани артиш, муносибати халқ ба хизмати ҳарбӣ ва эҳтироми мардуми Тоҷикистон ба заҳмати ҳарбиён таъсири нек мерасонад.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар ҳифзи суботу амнияти худ ба Артиши миллӣ такя мекунад. Имрӯз Тоҷикистон аз кишварҳоест, ки баҳри ҳифзи хоки худ истодагарӣ карда метавонад, ҷавонони бонангу бономус, родмардони шуҷои Ватан пуштибони марзу буми аҷдодианд.

Акнун бо боварии комил гуфта метавонем, ки Тоҷикистон он Тоҷикистони солҳои 90-уми асри гузашта нест. Он ба найрангҳои сиёсатхоҳону авбошон гирифтор нахоҳад шуд, аҳлу заковат ва хиради азалии миллати тоҷик ҳамеша дастболо аст ва доимо сулҳу амониро тараннум хоҳад кард.

***Фирӯз АРАБЗОДА,***
***мутахассиси раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

ИДЕОЛОГИЯ

# Муқовимат бо терроризм – қарзи ҳамагон

**Бузургтарин ва мақбултарин сарвати маънавие, ки инсоният ҳамеша дар талоши он аст ва онро орзу мекунаду мепарастад, аз будану аз пойдории он ифтихор мекунад, осоиштагист, яъне ҳаёти тинҷу ором ва орӣ аз ҳама гуна мухолифат. Аз ин ҷост, ки куҳансолони рӯзгордидаву гарму сарди зиндагӣ санҷида ва низ аҳли хирад, дар ҳар мавриди мувофиқ кафи дуо боло бардошта, самимона мегӯянд: - Илоҳо, мамлакат обод ва ҳаёти мардум тинҷу осуда бошад!**

Волотарин таманност ин. Таърих гувоҳ аст, ки инсоният ҳар чи ҷабру ҷафое дар дарозои замонҳо дидааст, пайомади халалдор гаштани мароми зиндагӣ, коҳиш ёфтани тинҷиву осоиштагӣ будааст.

Бисёр чеҳраҳои манфури таърих, аз қабили Искандару Темуру Чингизу Пиночету Гитлер барои он нафратзадаи халқ шудаанд, ки бо тохтутозу ғоратгарию кушторҳои бераҳмона осоиштагии мардумро аз байн бурдаву харобазорҳову бедодгариҳо ба вуҷуд овардаанд. Боиси афсӯс аст, ки душманони ғаддори бани башар дар ҳама марҳилаҳои таърих арзи ҳастӣ доранд ва ҳеҷ аз тахрибкорию зулму асорату даҳшатафканӣ даст намекашанд. Онҳоро ҳақиқати таърих, ҳаводиси зиёди айём ва пайомади амалиёти бисёр ҳаммаслакашон ҳеҷ дарси ибрат намешавад, гӯё чашми бино, гӯши шунаво надоранд, сахт мутаассибу бехираданд. Донистан намехоҳанд, ки “чоҳканро чоҳ дар пеш аст”, “бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад” ва “оқибат бадхоҳро по дар гил аст”. Андарзи дерину барҳақест:

*Ҳар ки бар душмании халқ равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.*

Ва низ:

*Аз мукофоти амал ғофил машав,*
*Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.*

Мутаассифона, ҷомеаи муосири моро низ дасти манфури ифротгароён – душманони осоиштагии мардум раҳо накарда. Мо, ҳамагон, дар ҳар чанд рӯз мефаҳмему огаҳӣ меёбем, ки дар ин ё он кишваре амалҳҳои террористӣ бо истифода аз моддаҳои тарканда, силоҳҳои оташфишон ва васоити дигари ҷонситон ба амал омадаанд. Тахрибкорони бемурувват ва кинавару худкома месӯзанд, мешикананд, ғорату таҷовуз мекунанд, даҳшат байни мардум меафкананд. Гурӯҳҳое, ки дар аксар манотиқи дунё бо ин гуна амалиёти барои кулли инсоният зарарбору пурфоҷеа машғуланд ва дар даставу созмону ташкилотҳои гуногуни махуф ба ҳам омадаанд, террористон номида мешаванду терроризмро дар гӯшаву канори олам равнақ мебахшанд. Рухдодҳои нангину фоҷеафарҷоми солҳои охир дар ақсои ҷаҳон аз мавҷудият ва гузашта аз ин, аз пайваста неру гирифтану вусъат пайдо кардани терроризму экстремизм дарак медиҳанд. Танҳо як мисол: рӯзҳои 21-22 апрели соли 2019 дар якчанд шаҳри кишвари Шри Ланка – дар се калисо ва чор меҳмонхона таркишҳо ба амал омаданд, ки кори дастаҳои террористӣ буданд. Аз нуҳ таркиши рухдода ду таркиши аз ҷониби террористони худкуш анҷом дода шудааст. Бо созмон ёфтани ба ном ДИИШ (Давлати Исломии Ироқу Шом) дар соли 2014 терроризми ҷаҳонӣ боз ҳам вусъат ёфт ва хавфноктар шуд. Имрӯз кишварҳое чун Сурия, Ироқ, Ливия, Яман, Миср, Афғонистон, Алҷазоир... аз фаъолияти доманадору ваҳшиёнаи террористон пайваста ранҷ мебаранд.

Давлатҳои тамаддунпарвару сулҳхоҳи ҷаҳон ва кулли неруҳои солими башардӯст ягона роҳи пурсамари мубориза бо терроризмро дар амали якҷояву муташаккилона дидаанд. Бо ин ҳадаф солҳои охир дар мамолики гуногуни дунё борҳо ҳамоишу машваратҳо ба вуқӯъ пайвастанд ва созишномаҳои ҳамкорӣ барои муқовимати аҳлона бо терроризму экстремизм ба имзо расиданд.

Тоҷикистони соҳибистиқлолу башардӯст ва тамаддунпарвари мо дар сафи пеши муборизон барои таъмини осоиштагии ҳамагонӣ қарор дорад. Дар ҷумҳурии мо терроризму террористон қотеъона маҳкум карда мешаванд ва бо ин ҳадаф асноди зиёди бунёдӣ таҳияву қабул шудааст. Аз ин лиҳоз метавон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо терроризм”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм” ва «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро далел овард. Қонунҳои мазкур тинати манфур ва ҳадафҳои пурзиёни террористону эктремистонро ошкор ва амалиёти онҳоро сахт маҳкум мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хирадмандонаи худ террористонро душмани башарият хонда, мубориза бар зидди онҳоро вазифаи ҷонии ҳар як шахси баору номус ва ватандӯст донистаанд. Зимни аксар суханрониҳо ва Паёмҳои худ Сарвари кишвар ҳамагонро аз идомаи амалиёти террористӣ дар арсаи ҷаҳон ҳушдор дода, даъват мекунанд, ки бар зидди ифротгароён ҳамеша бояд ҳушёру бедор буд, зеро табиати манҳуси онҳо чунон аст, ки ҳаргиз аз ҳеҷ гуна хиёнату разолат ва тороҷу ғорат даст намекашанд, ҳамеша ташнаи ниқор ва таҷовузанд. “Террорист ватан, миллат ва ирқу нажод надорад, ӯ душмани ғаддору золиму бефарҳанги башарият аст”, - ин қазовати барҳақи Пешвои миллат тинату нияти нопоки террористонро ба таври дақиқу муассир муаррифӣ ба ҳамагон мекунад. Тоҷикон бо амри қисмат дар даврaҳои гуногуни таърих ба тори ҷабру ҷафои ифротгароёну тахрибкорону ҷудоихоҳон, ки ҳама иртибот бо террористон доранд, печидаву азият кашидаанд ва ба маҳрумиятҳои дилхарошу ҷонгудоз дучор омадаанд. Аз ин рӯ, ҳисси танаффури ин халқи азиятдида нисбат ба террористон ва гурӯҳҳои террористӣ бағоят бузургу неруманд аст. Тоҷикон тавассути ҳамоишу конфронсҳо ва воситаҳои ахбори омма ифротгароёни оламро шадидан маҳкум мекунанд ва ҷонибдори тантанаи ҳаёти осоишта дар саросари оламанд. Умуман, бояд гуфт, ки шинохти терроризму экстремизм тақозои ҷиддии замон, амри бағоят зарурист, зеро бехабарию ноогоҳӣ аз ин доғҳои ҷомеа ва таҳдидҳои муҳлик ба аҳли дунё зиндагии осоиштаро дар ҳама гӯшаву канори олам халалдору пурхатар мекунад. Террористону экстремистон дар таркиби ҳар халқу давлат дар ин ё он сатҳ мавҷуданду амал мекунанд, пайти мувофиқ барои пиёдасозии аъмоли нопоку зишташон мепоянд ва гузашта аз ин, байни ҳам робитаи пинҳонӣ доранд, ҳатто, аз ҷониби бархе аз қудратҳои низоъталабу ҷангҷӯи ҷаҳонӣ ва хадамоти махсуси иттилоотии баъзе кишварҳои ҳангомаҷӯю тафриқаандоз дастгирии молию пулӣ ва сиёсию мафкуравӣ дармеёбанд. Боз як махсусияти омоли террористон дар он аст, ки мекӯшанд, то бештар ҷавононро ба доми худ бикашанд ва онҳоро барои амалисозии ниятҳои нопокашон истифода баранд. Аз ҷониби дигар, маъмулан ҷавонон ҳанӯз таҷрибаи кофӣ надоранду баъзан ба калавишҳо роҳ медиҳанд. Террористон, ҳамчунин, аз бовару эътимодҳои динии мардум сӯиистифода мекунанд ва динро беимононаву манфурона ҳамчун силоҳ истифода мебаранд, аз ҷумла, дини мубини исломро, ки табиатан мухолифи ифротгароисту муъминро бародари муъмин мехонад.

Мо, аҳли маориф, ҳамчун қишри фарҳангиву пешсафи ҷомеа бояд дар мубориза ба рағми терроризм ҳар чи бештар фаъолу кӯшо бошем ва шогирдонамонро аз ҳадафҳои терроризму амалиёти террористон огоҳ созем ва онҳоро ба ҳушёрии ҳамешагӣ ва танаффур ба ҳама гуна зишткорону качравон даъват намоем. Ончунонки Пешвои миллат таъкид менамоянд, ҳамбастагию ваҳдату якдиливу ватандӯстии мо зарбаи шадиду ҳалокатоварест ба терроризм ва террористон.

***Зубайда ШАРИФОВА,***
***директори мактаб-интернати №3-и шаҳри Душанбе***

ПИРӮЗӢ

# Қадрдонии омӯзгорон

Ба муносибати ғолиб гардидани омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 7-и ба номи Шоҳҷон Шонаврӯзови шаҳри Хоруғ Хушбахт Азизбеков дар озмуни ҷумҳуриявии «Муаллими соли 2022» ва соҳиб шудани мураббии литсейи Оғохон Гулрӯ Гулбекова ба ҷои сеюми озмуни «Мураббии соли 2022»-и кишвар, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ҳамоиш баргузор гардид. Раиси вилоят Мирзонабот Алишер Худобердӣ ғолибони озмунро бо ин муваффақияти калон табрик намуд.

Нулуфар Асламшоева, муовини раиси вилоят оид ба ин дастоварди омӯзгорони вилоят қайд намуд, ки ободии кишвар маҳз аз устоду омӯзгор маншаъ мегирад. Ҷавонони мо имкониятҳои аз ин ҳам бештар доранд. Имрӯз дастрасӣ ба нозукиҳои илму маориф ва омӯхтани таҷрибаи бойи давлатҳои дигари ин соҳа аз тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ имконоти зиёдтар даст медиҳад. Омӯзгорони ғолиб Хушбахт Азизбеков ва Гулрӯ Гулбекова дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби раиси вилоят бо Ифтихорнома, мукофоти пулӣ ва молӣ қадрдонӣ шуданд.

***Ч.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

Нақшаи бо оби нӯшиданӣ таъмин намудани аҳолии Тоҷикистон то соли 2030 пурра амалӣ мегардад.

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

*Тағйироту тараққиёти босуръати ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо моро водор месозад, ки ҳарчи бештар ба рушди самтҳои гуногуни кишварамон, бахусус, ба соҳаи маориф ба таври ҷиддӣ машғул шавем, то ин ки дар қатори давлатҳои мутараққӣ ҷой гирему дар баробари ин аз асолати миллию фарҳангии хеш ҳимоя намоем.*

# Боз ҳам дар бораи сифат

## (Ислоҳотро аз чӣ оғоз кунем?)

Нишондоду суханрониҳо, таъкидҳои Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 21 декабри соли 2021 ироа гардид, моро водор месозад, то дар самти баландбардории сатҳи дониш ва сифати таҳсилот чораҳои муҳим андешем.

Имрӯз дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоту сохторҳои гуногуни давлатию ғайридавлатӣ бо барномаю нақшаҳои мухталифи хурду бузург фаъолият доранд.

Таҳлилу тадқиқот дар самти рушди инсон муайян намудааст, ки натиҷаи таҳсил дар зинаҳои аввали таҳсилот, ибтидо аз синфу гурӯҳҳои омодагӣ ба таҳсилоти умумӣ то давраи хатми ҳар се зинаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаёти инсон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин зинаҳо лаёқату истеъдоди инсон дар омӯзишу дарки ин ё он фанни таълимӣ (дар маҷмуъ, тамоми самтҳои ҳаёти инсон) муайян гардидаву рушд меёбад.

Мусаллам аст, ки муассисаи таълимии муосир гуногунсамту мураккаб аст. Он ҳамеша дар рушду тағйирот аст. Ҳар тағйиру такмилу ислоҳоте, ки дар низоми муассиса ворид мегардад, онро бояд аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа боэю замонавӣ гардонид. Мо мекӯшем дар бораи он низоме андеша бикунем, ки принсипи баҳодиҳии дохилимуассисавиро такмилу танзим диҳад, яъне таъсироти субъективӣ (таъсири хоҳиш, писанду нописандӣ, ҳолати равонии омӯзгор, хусумату дӯстдорӣ, тамаллуқу беэътиноӣ) ба он кам гардад. Низоми баҳодиҳии дохилимуассисавиеро ҷорӣ намоем, ки дар он ҳадди «саводу» «бесаводии» ҳар як хонанда, кӯшишу заҳмати ӯ бо далелҳои дақиқ муайян шавад. Низоме, ки ҳар хонанда аз рӯйи лаёқату истеъдод, кӯшишу ғайрат, сатҳи одобу ахлоқ мавқеи муайяни худро дошта бошад. Аввал мо бояд дар бораи мафҳумҳои «саводу» «бесаводӣ», «сатҳи дониш», «сифати таълим» ва «сифати таҳсилот» маълумоти равшане пайдо кунем, ки ҳангоми баррасии масъала ба ихтилофу номутобиқатӣ, дуҳӯрамаъноию нофаҳмӣ дучор нагардем.

Маънои «сифати таълим» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамчун «тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад» маънидод шудааст. Яъне, сифати таълим ташкили дуруст ва самараноки амалҳои раванде аст, ки аз он шахс соҳиби маълумот мешавад. Ба шакли аз ин ҳам содатар гӯем, сифати таълим ин низоми (системаи) ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ (бинои муассисаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, таҷҳизоти таълим, технологияи истифодашаванда ва тарзи ба роҳ мондани раванди таълим) аст, ки хонанда, донишҷӯ ба воситаи онҳо соҳиби маълумот мегардад.

«Сифати таҳсилот» низ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамчун «маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ» муайян карда шудааст. Ба маҷмуи стандартҳои давлатии таҳсилот «маҷмуи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту мӯҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи таълимгирандагон ифода намуда, талаботи асосӣ ба таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳи донишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умумибашарӣ муайян мекунанд». Яъне меъёри мазмуни таҳсилот, моҳияту мӯҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълим ва сатҳи азхудкунию мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимиро давлат муайян менамояд. Инчунин, баҳогузорӣ ба сатҳи дониш меъёри давлатӣ дорад. Дар айни замон, ҳамин меъёрҳо дар аксарияти муассисаҳои таълимӣ аз тарафи омӯзгорон, устодон ва дигар иштирокчиёни раванди таълим таъмин карда намешаванд. Таъмин нагардидани ин меъёрҳо аз тарафи муассисаҳои




таълимӣ сабабҳои гуногун дорад ва мо танҳо ба як ҷиҳати он, ба «баҳогузории сатҳи дониши хонандагон» диққат хоҳем дод.

Тибқи низоми имрӯзаи баҳодиҳӣ, омӯзгор ҳангоми гузаронидани машғулияти навбатӣ (мафҳуми «дарс»-ро ба «машғулият» барои он иваз мекунем, ки «дарс» маънои маҳдуди чизе омӯзониданро ифода менамояд, «машғулият» бошад, барои ифодаи намудҳои гуногуни амалҳои омӯзгор дар синфу кабинети технологияи иттилоотӣ, озмоишгоҳи физика ва химия, майдони варзишию майдони таҷрибавӣ мутобиқ аст) дар асоси пурсидани машғулияти гузашта ба хонанда баҳо гузошта мешавад. Ҳангоми пурсиш аз усулҳои гуногун (варақаҳо, иҷрои амали математикӣ ва ғайраҳо) истифода мешавад. Ин низоме аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (умуман, низоми таълим) маъмул аст. Инчунин, тибқи барномаи таълим (аз рӯйи ҳар фан) дар соли таҳсил аз 6 то 15 санҷиш дар шакли хаттию тестӣ гузаронида мешавад ва аз натиҷаи он дар дафтари синф (журнали синф) баҳои муайян гузошта мешавад. Ҳамин баҳо ҳангоми ҷавоб додани мавзуъҳо дар машғулиятҳо дар охири ҳар чоряк натиҷаи омӯзиши хонанда ё баҳо ба сатҳи дониши хонанда мегардад. Дар охири соли таҳсил бошад, барои як зинаи таҳсилот ё хатми ҳар синф аз ду фанни таълим имтиҳон таъин карда шудааст. Аз натиҷаи чорякҳою баҳои имтиҳон баҳои солона гузошта мешавад. Ҳангоми хатми ҳар синф имтиҳони гузариш ва ҳангоми хатми зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ва зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон имтиҳонҳои давлатӣ месупоранд.

Ин тарзи муайян намудани дониш, малака, лаёқат ва кӯшишу ғайрати хонандагон аз замони Шӯравӣ маъмулу машҳур буда, дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ аст. Аз рӯйи ҳамин низом мо ба дониши хонандагон баҳо медиҳем, сатҳи дониши онҳоро муайян менамоем ва ба онҳо ҳуҷҷати намунаи давлатии хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ медиҳем. Ба андешаи инҷониб, ин низом дигар талаботи замони муосирро таъмин карда наметавонад, зеро он дар дохили синф вобаста ба таъсири як нафар-омӯзгор аст. Омӯзгор дар асоси ҷавоби хонанда, вобаста ба хоҳиши худаш баҳо медиҳад. Баҳои омӯзгор аз ҳусни таваҷҷуҳи ӯ ба хонанда (симпатия) ва ҳолати рӯҳияш низ вобаста мебошад, зеро агар омӯзгор болидарӯҳи ӯ ба атрофиён таъсир мерасонад.

Маълум, ки ҳеҷ гоҳ дар як синф тамоми хонандагон барномаи таълимро дар як сатҳ пурра аз худ карда наметавонанд. Илми равоншиносӣ муайян кардааст, ки хонандагон ба самтҳои гуногуни омӯзиш ва фанни таълим муносибати гуногун доранд. Агар ба яке фанҳои табиатшиносӣ писанд бошад, ба дигаре фанҳои математикӣ ё филологӣ ва ба савумӣ санъату меҳнат ё варзиш. Ин ҳолат талаботи равонии инсон буда, имкон дорад, вобаста ба гузашти рӯзҳо тағйир ёбад. Омӯзгорон бояд ин ҳолатро ба эътибор гиранд. Бинобар ин, хонанда имкон надорад, ки ҳамаи барномаҳои таълимро пурра дар як сатҳ аз худ намояд ва омӯзгорони муҳтарами мо онҳоро барои дар як сатҳ аз худ намудан маҷбур созанд.

Бо мақсади ягона намудани тарзи санҷиш, боэътимод будани натиҷаи онҳо маводи ягонаи санҷишӣ зарур аст. Маводи ягонаи санҷишӣ дар асоси талаботи барномаҳои таълим таҳия ва аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад ва барои истифодаи умум тавсия мешавад. Дар амал бошад, чи тавре ки имрӯз дар низоми маорифи мо вуҷуд дораду ҳар лаҳза бо он рӯ ба рӯ мешавем, духӯрагию натиҷаҳои гуногуни санҷишҳо ҳосил мегардад. Як сохтори соҳаи маориф натиҷаи санҷишу омӯзиши сохтори дигарро ба эътибор нагирифта, онро рад менамояд. Дар баробари ин, натиҷаи фаъолиятамон на такмили низоми маорифу беҳгардонии барномаю нақшаҳои таълим ва сифати китобҳои дарсӣ, балки баҳсҳои бекудаи «басаводу» «бесаводӣ» мегардад.

Маводи ягонаи санҷишӣ чӣ гуна бояд бошад? Дар айни замон дар муассисаҳои таълимӣ низоми санҷиши сатҳи дониши хонандагон аз рӯи як мавзуъ (ҷавоби хонанда дар ҳаҷми як ё якчанд ҷумла аз рӯйи машғулияти гузашта ё иҷрои амалҳои математикӣ, физикӣ ё кимиёӣ аз машғулияти гузашта) сурат мегирад. Дар охири соли таҳсил бо ҷавоб додан ба ду саволи билет ё ҳалли мисолҳои имтиҳонӣ аз фанҳои гуногуне, ки аз рӯйи он имтиҳон таъин шудааст, хонанда ба синфи дигар мегузарад. Дар асл ҳамаи омӯзгорони муҳтарами мо медонанд, ки машғулияту имтиҳонҳо чӣ гуна сурат мегиранду хонандагон дар кадом сатҳ ба саволҳо ҷавоб медиҳанд. Ҳар як омӯзгор медонад, ки барномаҳои таълим, ки меъёри давлатӣ махсуб меёбанд, дар кадом сатҳ иҷро мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки шакли мукаммали маводи муайян намудани сатҳи дониши хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Ин мавод дар асоси барномаҳои таҳсилоти умумӣ барои ташкилу баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия гардидааанд.

Дар асоси ин таҷрибаҳо пешниҳод мегардад, ки маводи ягонаи санҷишӣ дар асоси барномаҳои таълим барои ҳар як фан, барои ҳар як чоряк таҳия карда шавад. Ин мавод тамоми мавзуъҳоеро, ки дар барномаи фаннии муайян дар синфи муайян омӯзонида мешавад, бояд фаро гирад. Мавод бояд ягона ва санҷидашудаву аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида бошад. Дар асоси он аз хонандагон дар анҷоми ҳар чоряк ва анҷоми соли таҳсил санҷиш гирифта шавад, сатҳи дониши хонанда муайян карда шуда, масъалаи аз синф ба синф гузаронидани вай ҳаллу фасл гардад. Дар айни замон бояд дар заминаи ҳамин барнома ва китобҳои дарсӣ маводи ягонаи санҷишӣ таҳия намоем ва минбаъд барои такмили онҳо чораҳо амалӣ созем.

Барои ин низомро ҷорӣ намудан бояд якчанд масъаларо мавриди омӯзиш қарор диҳем.

**1. Маводи санҷишӣ, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ мунтазам такмил дода шаванд.** Мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ вобаста ба талаботи замони муосир ва кашфиёту навгониҳои бавуҷудомада таҳриру такмил дода шаванд. Мавзуъҳо барои дарки хонандагон равшану дақиқ ва мукаммал гардонида шаванд. Мазмун ва шакли онҳо барои таҳияи саволномаҳо ва ҷавоби мукаммал таҷдид шаванд. Барномаҳо низ муайяну равшан ва мутобиқ ба китобҳои дарсӣ таҳияву тасдиқ шаванд. Таҷҳизоте, ки дар машғулиятҳо истифода мешавад, ифодагари мавзуъҳои барномаи таълим бошанд. Дар ҳамин ҳолат метавон маводи ягонаи санҷишӣ барои тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия ёбанд, ки дар асоси он санҷиши сатҳи дониш гузаронида шавад ва дар заминаи он такмили барномаву нақшаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, таҷҳизоти муассисаҳои таълим, усулҳои таълим ва такмили тахассуси омӯзгорон чораҷӯӣ ва тадбирҳо амалӣ гардад.

**2. Дар самти таҷҳизонидан ва истифодаи технологияи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои зиёде қабул карда шудаанд, вале амалишавии ин барномаҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои гуногун қарор дорад.** Мусаллам аст, ки тибқи талабот истифода намудани технологияи иттилоотӣ барои ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ зарур аст. Дар мавриди истифодаи маводи ягонаи санҷишӣ дар муассисаҳои таълимӣ зарурияти истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳатмӣ мегардад. Дар баробари ташкил намудани шабакаи ягона дар муассиса, таъмини ҳар як синф бо компютер, инчунин, пайвасти он бо хати интернет, таъмини барқи доимӣ зарур аст.

**3. Вобаста ба истифодаи маводи ягонаи санҷишӣ зарурати тағйири низоми додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии хатми**

**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба вуҷуд меояд.** Дар айни замон, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 23) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муассисаи таҳсилоти умумӣ баъди хатми зинаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонандагон ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (аттестати хатм) медиҳад. Хонандагон баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои давлатӣ сазовори ҳуҷҷати хатм мегарданд. Ин ҳуҷҷат имкон медиҳад, ки хатмкарда таҳсилашро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ идома диҳад. Дар баробари ин, ҳуҷҷати хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ далели он аст, ки соҳиби он барномаи таҳсилоти умумии асосӣ ва таҳсилоти миёнаи умумиро ба сатҳи баҳои дар он гузошташуда аз худ кардааст. **Вале санҷишҳои минбаъдаи сатҳи дониши соҳибони аттестат нишон медиҳанд, ки то 70% баҳои гузошта ба воқеият мутобиқат намекунад. Яъне баҳои аттестатҳо ифодакунандаи сатҳи дониши воқеии хонандагон нест. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт нишон медиҳад, ки ҳар сол то 50% хатмкунандагон санҷишҳои (имтиҳонҳои) воқеии хатмро супорида наметавонанд. Хонандае, ки имкони супоридани имтиҳонҳои хатмро надорад, метавонад солҳои минбаъда низ кӯшиши супоридани онҳоро кунад. Ин ҳолат ҳодисаи маъмулӣ буда, натиҷаи он ба фоидаи хонанда ва ҷомеа мебошад. Зеро ҳуҷҷатҳои бадастовардаи онҳо ифодагари сатҳи дониши хатмкардагон мебошад. Ин шакли санҷишҳоро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода намудан аз фоида холӣ нест.**

**4. Бояд санҷишҳое, ки тибқи нақша ва илова ба нақшаҳо, дар асоси зарурат ташкилоту шахсони алоҳида, падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ мегузаронанд, танҳо дар мувофиқа бо роҳбари муассиса ва шуъбаю раёсатҳои маориф бо истифодаи маводи санҷишӣ гузаронида шавад.** Аслан зарурияти пай дар пай санҷидану аз амали асосӣ дур кардани омӯзгорон вуҷуд надорад. Тамоми санҷишҳои назоратии беруна бояд аз тарафи мутахассисон, тибқи мавзуи муайян сурат гирад.

**5.Иштироки омӯзгорон дар таҳия ва истифодаи маводи ягонаи саҷишӣ боиси илова гаштан ба донишу малакаи онҳо мегардад.** Ба воситаи ин мавод метавонанд омӯзгорони фаннӣ дараҷаи омодагии худро барои кор бо хонандагон санҷанд.

**6. Ба истисно аз он ки мо хонандагонро барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии дохили ҷумҳурӣ тайёр намоем, бояд сатҳи дохилшавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар низ омӯзем.** Яъне барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо барномаи таълимии давлатҳои пешрафта наздик бошанд. Инчунин, низоми тарзи муайян намудани сатҳи дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бояд ба низоми муайян намудани сатҳи дониши хонандагони хориҷи кишвар наздик бошад.

Дар маҷмуъ, мақсад аз пешниҳоди афкори зикргардида таҷдиду такмили низоми баҳодиҳӣ ба дониши хонандагону донишҷӯён ва дар ниҳоят рушди низоми маорифи Тоҷикистон аст. **Аз омӯзгорону устодон хоҳиш мекунем, ки вобаста ба пешниҳодҳои зикршуда андешаҳои худро барои танзими сохтори мактабдории мо ва ислоҳоти он ба нашрияи "Омӯзгор" ирсол доранд.**

*Роҳат МИРЗОЕВ,*
*сармутахассиси Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

# Боз як донишгоҳи нав дар кишвар

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022 ба Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон мақоми муассисаи таълимии байналмилалӣ дода, он Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд. Бо эълони ҳамин паём хуш ҳусни оғоз ёфт нишасти матбуотӣ дар мактаби олии мазкур. Ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода иброз дошт, ки ин навгонии фараҳбахш аслан иртиботманд бо гамхорию ибтикори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, имконот ва беш аз ин, масъулияти аҳли донишгоҳро боз ҳам меафзояд.

Ректор дар оғози соли нави таҳсил (1 сентябри соли 2021) бо ширкати Сарвари давлат мавриди истифода қарор додани 2 бинои нави таълимии баландошёнаву пуршукӯҳро аз мондагортарину фараҳбортарин ҳаводиси соли сипаригашта дар донишгоҳ номид ва иттилоъ дод, ки ин биноҳои нави замонавӣ мусоидат бар он карданд, ки таълимгоҳ иловатан соҳиби 9 лабораторияи таълимӣ, китобхонаи илмию электронии муосир, маҷлисгоҳ барои 600 нафар, 37 синфхона ва 22 дафтари кор гардад ва ҷои нишаст барои донишҷӯён дар дарсхонаҳо 3061 адад зиёд шавад. Дар радифи ҳодисоти манфиатбори соли гузашта дар донишгоҳ рухдода, У.Асрорзода навгониҳои зеринро зикр кард: таъсиси филиалҳои донишгоҳ дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ифтитоҳи факултети муштарак миёни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия, ба даст овардани розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси кафедраи ҳарбӣ (фаъолияти ин кафедра аз соли таҳсили 2022-2023 шуруъ меёбад).

Дар идомаи нишаст ректори донишгоҳ ва масъулини дигари ин мактаби олӣ ба саволҳои сершумори намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки бештар ба масоили сифати таҳсилот, китобу дастурҳои таълимӣ, таҷҳизоти техникӣ, таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ, имтиёзҳо ба фаъолону камбизоатон, рушди илму инноватсия, вазъи таълиму тарбия дар филиалҳо, ҳоҷагидории донишгоҳ... иртибот доштанд, посух гуфтанд. Аз ҷониби рӯзноманигорон, аз ҷумла, таъкид гардид, ки фаъолияти устодони донишгоҳ вобаста ба тарғиби сайёҳиву соҳибкорӣ тавассути ВАО тақвиятталаб аст.

*А.МУРОДӢ,*
*"Омӯзгор"*

# 102 нафар дипломи аъло гирифт

Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ректори ин муассиса, доктори илми иқтисодӣ Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ оид ба дастовардҳо ва навигариҳо дар самтҳои таълиму тарбия, иҷтимоӣ, корҳои илмӣ – татқиқотӣ, робитаҳои байналмилалӣ, маъмурию хоҷагӣ, ободонӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолияти донишгоҳ дар соли 2021 ва нақшаҳои нимсолаи соли ҷорӣ ба рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ иттилоъ дод. Чунонки қайд гардид, ҷиҳати пешбурди фаъолияти таълимӣ ва ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ дар донишгоҳ барои ҳар як ихтисос маводи таълимии электронӣ таҳия ва аз қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда шудааст.

Бино ба иттилои ректор дар соли сипаришуда сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён нисбат ба соли 2020 1, 4 фоиз беҳтар гардидааст. Барои соли таҳсили 2020 – 2021 иҷроиши нақшаи қабул 89, 9 фоизро ташкил кард. Дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷор нафар осебдидагони офати табиӣ аз шаҳри Кӯлоб берун аз нақшаи қабул ба гурӯҳи буҷавӣ қабул гардиданд.

Бино ба иттилои роҳбари муассиса, дар ҷараёни гузариш ба модулҳои низоми автоматикунонидашудаи рақамии таҳсилоти дар соли гузашта ДДМИТ – ро 102 нафар донишҷӯ бо баҳои аъло хатм намуда, ба гирифтани дипломи аъло мушарраф гардиданд, ки нисбат ба соли гузашта 18 нафар зиёд аст. Дар соли 2021 як нафар рисолаи докторӣ ва 24 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд, ки муваффақияти калони аҳли донишгоҳ ба шумор меравад. Чуноки ректор гуфт, дар соли сипаригардида фаъолияти донишгоҳ дар самти робита бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар низ хуб буд. Дар ин давра донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо даҳ муассисаи олии хориҷи мамлакат, аз ҷумла, ДДТ-и Приязовский, Донишгоҳи миллии техникии Лутский, Донишгоҳи давлатии иқтисод ва технологияи Ҷумҳурии Украина ва донишгоҳи давлатии идораи Федератсияи Россия шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид.

Рӯзноманигорон доир ба паҳлуҳои дигари фаъолияти донишгоҳ марок зоҳир намуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои муфассал гирифтанд.

# Дар пайи иҷрои нақшаҳои оянда

Ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Миралӣ Достизода ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки дар таълимгоҳ ба хотири баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи иҷрокунандагии омӯзгорону донишҷӯён бо ҷалби мутахассисони ватаниву хориҷӣ дарсҳои маҳорат ба роҳ монда шуданд. Чунин дарсҳоро ҳодимони шинохтаи соҳаи санъати точик баргузор намуданд. Баргузории консертҳои синфӣ яке аз самти асосии фаъолияти таълимии консерватория ба ҳисоб рафта, ҳамчун ҳисоботи солонаи омӯзгорон маҳсуб мебад. Вобаста ба ин, бахшида ба чашни 30 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ консертҳои синфии 41 нафар омӯзгори Консерватория дар сатҳи баланди касбӣ баргузор гардид.

Дар соли 2021 яке аз дастовардҳои калони эъҷодӣ голибияти омӯзгорону донишҷӯёни Консерватория дар озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ба ҳисоб меравад. Аз 24 нафар довталаб дар даври ҷумҳуриявӣ – 13 нафар барандаи мукофот, ёздаҳ нафар дипломи озмунро гирифтанд. Дар даври аввали озмун – 36, дар даври дуюм – 24 ва дар даври ҷумҳуриявӣ 13 нафар дар ин озмун ғолиб омаданд. Қайд гардид, ки устодону донишҷӯёни ин муассисаи таълимӣ дар як қатор ҷорабиниҳои фарҳангии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмони аҳдномаи Шанхай, рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ва ғайра аз дастовардҳои назаррас дар соли 2021 ба ҳисоб меравад. Бино ба иттилои сарвари муассиса аз моҳи апрели соли 2021 бо қарори шӯрои олимони Консерватория ва фармоиши ректор шуъбаи такмили ихтисос дар ҳамкорӣ бо коллеҷҳо ва мактабҳои миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳурӣ дарсҳои такмили ихтисоси кормандонро оғоз намуда, бо роҳбарии устодони варзидаи санъат амалӣ карда истодааст.

Миралӣ Достизода афзуд, ки 9 нафар шогирди ин даргоҳ таҳсилро дар муассисаҳои олии мусиқии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Олмон ба итмом расонда, айни замон ҳамчун устоди консерватория ба кор қабул гардиданд. Номбурда, ҳамчунин, аз фаъолияти илмии омӯзгорони кафедраҳо сухан гуфта, доир ба мақолаҳои дар хориҷа ба табърасида ва мухтавои чопи китобҳои дарсии онҳо маълумот дод.

# Кумитаи забон соҳиби маҷаллаи худ гардид

Дар нишасти хабарии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ин ниҳод, доктори илми филологӣ Олимҷон Муҳаммадҷонзода доир ба фаъолияти солонаи кумита ба рӯзноманигорон маълумот дод. Номбурда зикр кард, ки дар зерсохторҳои кумита дар соли 2021 62 300 истилоҳ мавриди таҳлил ва мувофиқа қарор гирифта, барои хулосабарорӣ ба идораю муассисаҳои дахлдор пешниҳод гардид.

Тӯли ин давра дар кумита номгузории ҳабдаҳ муассисаи таълимӣ ва 46 номи ташкилоту муассиса, як номи майдон ва як номи кӯча аз нигоҳи экспертизаи забоншиносӣ ва танзими истилоҳот дар робита ба муқаррароти Қонуни забон мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар умум, ба 65 номгузорӣ, аз ҷумла, ба 17 муассисаи таълимӣ ва 29 номи ташкилоту муассисаҳои дигар хулоса пешниҳод намудааст.

О. Муҳаммадҷонзода, ҳамчунин, афзуд, ки аз ҷониби мақомоти судӣ барои риоя нагардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 57 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ карда шуда, дар ҳаҷми 48 660 сомонӣ ҷарима таъин гардид, ки аз ин 34 860 сомонӣ ба фоидаи давлат рӯёнида шудааст.

Роҳбари кумита, оид ба вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори ҲҶТ «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» дар як қатор вазорату идораҳо, аз ҷумла, дар шуъбаҳои маорифи шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, Бохтар, Гулистон, ноҳияҳои Вахшу Қубодиён санҷида шуда, ба масъулон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар сохторҳояшон мавҷуда маълумотнома ва тавсияҳо пешниҳод гардид.

- Давоми соли 2021 роҳбарият ва кормандони кумита дар 68 барномаи телевизиониву радиоӣ иштирок ва суханронӣ карда, бештар аз панҷоҳ асару мақоларо дар робита ба масоили забон ба нашр расониданд, - гуфт раиси кумита. – Боиси хушист, ки кумита соҳиби маҷаллаи нав гардид, ки шумораи нахустини он дар рӯзҳои наврӯзӣ бо номи «Забон ва истилоҳот» дастраси аҳли кишвар хоҳад шуд.

Хабарнигорон дар қисмати саволу ҷавоб ба масъалаҳои муҳими вобаста ба соҳа посухҳои қаноатбахш гирифтанд.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Донишкада 50-сола мешавад

Дар ҷумҳурии мо ҳукми анъанаро дарёфтани нишастҳои матбуотӣ, ки соле ду маротиба баргузор мешаванд, ҳодисаи хушояндy судбахш аст. Гузоришу мубоҳисаву мулоҳизаҳо, ки зимни ин нишастҳо дар мактабҳои олӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо ба миён меоянд, ба тақвияти фаъолияти коргоҳҳо, аҳли илму таълим, алоқамандони истеҳсолот, роҳбарону ашхоси зиёди масъул мусоидат мекунанд, боиси арзи ҳастӣ кардани навгониву ташаббусҳои муфид мешаванд. Ин нуктаро дар оғози суханрониаш дар нишасти матбуотӣ бо намояндагони ВАО бо камоли қаноатмандиву сипосгузорӣ таъкид намуд ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон Мухриддин Низомӣ. Донишкада, ки соли оянда 50-сола мешавад, дар давоми нимсолаи дуюми соли 2021, ба вижа, вобаста ба масоили тақвияти сифати таълиму тарбия, табъу нашр ва густариши равобити байналмилалӣ ба комёбиҳои чашмгир муваффақ гашт. Сатҳи сифати таълим нисбат ба солҳои пешин 16% боло рафт, ки ба ин, пеш аз ҳама, таҳкими мазмуну муҳтавои машғулиятҳои устодон ва афзудани ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши амиқ мусоидат кард. Дар давоми соли сипаригашта устодони таълимгоҳ дар маҷаллаҳои бонуфузи хориҷӣ 84 мақола ба нашр расонда, дар конфронсу ҳамоишҳои байналмилалӣ бо беш аз 100 маърӯзаи илмӣ ширкат варзидаанд. Донишгоҳ айни ҳол бо 29 мактаби олии хориҷӣ созишнома ва шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст, ки ин созгор ба вусъати тоза, махсусан, ба табодули таҷрибаи устодони тарафҳо гардидааст. Дар доираи ин ҳамкориҳо наздик ба 30 нафар устоду ҳунарманди донишкада барои иштирок ба тренингҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос ба хориҷи кишвар сафар карданд.

Дар нишасти матбуотӣ рӯзноманигорон ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти донишкада дахл карда, аз масъулини бахшҳо посухҳои мушаххас дарёфтанд. Қаламкашон, ба вижа, ба масъалаи марбут ба суханварию забондонӣ, шеърфаҳмӣ ва одоби ҳунарпешагон – донишҷӯён ва собиқ шогирдони донишкада бештар таваҷҷуҳ бинмуданд. Ректори таълимгоҳ таъкид кард, ки дар ҳақиқат, ин масъала то ҷое ташвишовар аст ва мо вобаста ба масоили мазкур тадбирандешӣ дорем. Дар поёни ин нишасти фароғир барои рӯзноманигорон се нумраи консертӣ бо созу камназири санъат-арғунун намоиш дода шуд.

# Ним аср дар ҷодаи варзиш

Дар солҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов 50-солагии таъсисашро таҷлил намуд. Ба ин муносибат дар донишкада силсилаи тадбирҳои судманду маърифатбор ва мутантан амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, 21-25 октябри соли 2021 Конгресси байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Варзиши олимпӣ ва варзиш барои ҳама» ҷараён ёфт, ки дар он илова ба меҳмонон, аз аксар манотиқи кишвар ва созмону муассисаҳои босалоҳият аз як қатор мамолики пасошӯравӣ 26 нафар намояндаи ширкат варзиданд. Иштироки вазири варзиши Федератсияи Россия О.В. Матитсин, президенти Федератсияи байналмилалии донишгоҳҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш З.К.Закирянов ва ректорони беш аз даҳ мактаби олии варзишии мамолики узви ИДМ шукӯҳу аҳамияти конгресро боз ҳам афзуд.

Ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, профессор Шодӣ Сафаров дар оғози нишасти матбуотӣ ба ин муносибат оид ба таърихи пуршарафи таълимгоҳ ба таври фишурда сухан гуфта, аз он арзи сипосу қаноатмандӣ кард, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳар чи бештар оммавият пайдо бинмудани он таваҷҷуҳ ва ғамхории ҳамешагӣ зоҳир карда мешавад. Ҳамбаста ба ин, ректор аз як силсила комёбии устодону донишҷӯёни донишкада ёдовар шуда, дастовардҳои варзишии варзишгарони таълимгоҳро дар давоми нимсолаи дуюми соли 2021 тавсиф бахшид. Дар ин давра дар доҳили донишгоҳ миқдори зиёди мусобиқаҳо вобаста ба намудҳои варзиш баргузор шуданд ва қисмате аз донишҷӯёни дастпарварони таълимгоҳ дар мусобиқоти бонуфузи ҷаҳонӣ иштирок карда, комёбӣ ба даст оварданд ва шарафи варзиши кишварро баланд бардоштанд. Дар иртибот ба пурсишҳои рӯзноманигорон сарвари донишгоҳ перомуни масоили рушди варзиши миллӣ, тақвияти робитаҳои байналмилалӣ, дастгирии варзишгарони муваффақ, шароити майдону толорҳои варзишӣ, таълифи мақолаву рисолаҳо, таҷлили ҷашнвораҳо, риояи одоби варзишгар суханронӣ карда, чанд китоби тозанашри устодони таълимгоҳро, ки ба намудҳои гуногуни варзиш бахшида шуда буданд, муаррифӣ намуд.

Рӯзноманигорон иброз доштанд, ки ягона мактаби олии мамлакат, воқеан ҳам, дар рушду тақвияти варзиш дар саросари кишвар нақши фаъол дорад.

# Ҳамбастагии илму амал

Зимни нишасти матбуотӣ дар Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон президенти ин ниҳоди бузурги илмӣ, академик Фарҳод Раҳимӣ иттилоъ дод, ки академия дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар иртибот ба Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 неруҳои илмии кишварро бахри татбиқи ҳадафҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ, тақвияти таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ, ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотии академӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, амалисозии сиёсати илмию техникӣ, таҳлили рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмию технологии ҷумҳурӣ, таҳияи тавсияҳои муфид, омӯзиши дастовардҳои илм ва технологияи ҷаҳонӣ, мусоидат ба корбасти ин дастовардҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, дарёфту дастгирии муҳаққиқони ҷавону лаёқатманд, мусоидат ба рушди эҷодии олимони ҷавону хушазму ташаббускор, тарбияи кадрҳои илмии тахассуси олӣ... равона кард ва дар ин замина ба комёбиҳои назаррас ноил гашт. Дар давоми ним сол ҳамбаста бо пажӯҳишу татбиқгариҳои кормандони муассисаҳои илмии АМИТ наздик ба 3400 кори илмӣ (аз ҷумла, беш аз 250 китобу монография, маҷмуаҳои илмию оммавӣ), 3150 мақолаи илмию дастурӣ ва оммавию методӣ дар нашрияҳои Тоҷикистон, беш аз 330 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ҷаҳон ва ҷумҳуриҳои ИДМ ба чоп расиданд.

Дар посух ба суолҳои мухбири ҳафтаномаи "Омӯзгор" Ф. Раҳимӣ иброз дошт, ки дар ҳақиқат, дар иҷрои расмиятҳои дифои рисолаҳои илмӣ олимони ҷавон ба душвориҳо дучор меоянд ва мо минбаъд ин масъаларо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор хоҳем дод. Китоби бунёдии "Грамматикаи академии забони адабии тоҷик" дар наздиктарин фурсат ба нашр хоҳад расид. Олимони тоҷик барои коркарду истеҳсоли доруҳои минералии нерубахши замин ва бештар самаровар барои кишоварзон бо ҷидду ҷаҳд кор мекунанд ва умед аст, ки дар солҳои наздик комёб мешаванд.

# Донишгоҳ соҳиби бинои нави таълимӣ мегардад

Дар нишасти хабарии ДДҲБСТ ректори донишгоҳ Муъмин Шарифзода иброз дошт, ки соли 2021 барои аҳли донишгоҳ дар қатори дигар музаффариятҳои фараҳбахшу падидаҳои созандаи сӣ соли соҳибистиқлолии кишварамон, ташкилу баргузории ҷорабиниҳои таълимӣ, илмию байналмилалӣ ба иштироки фаъолона дар ҷорабиниҳои тарбиявӣ соли бобарору хотирмон буд.

Роҳбари донишгоҳ иттилоъ дод, ки ҷиҳати такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ машғулиятҳо дар 62 гурӯҳи академӣ бо забони русӣ, 12 гурӯҳи академӣ бо забони англисӣ ва 2 гурӯҳи академӣ бо забони хитоӣ гузаронида мешавад. Бо мақсади ҳавасмандкунии омӯзгороне, ки дар гурӯҳҳои академии таҳсилашон бо забони англисӣ машғулият мегузаронанд, ба андозаи 15% музди маошашон баланд бардошта шуд.

Агар дар соли 2020 теъдоди гирандагони стипендияҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд, раиси шаҳри Хуҷанд ва раёсати донишгоҳ 24 нафарро ташкил медод, дар соли 2021 ин теъдод ба 104 нафар расид.

Раёсати донишгоҳ раванди корҳои ободонию бунёдкориро вусъат дод. Ҳоло бунёд ва азнавсозии иншооти сохтмонаш нотамоми таълимӣ, ошхона, маҷлисгоҳ барои 800 ҷои нишаст идома дорад.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*"Омӯзгор"*

# 5 китоби мондагор

– Дар иртибот ба соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равнақ ёфтани робитаҳои хориҷии кишвар эҳтиёҷ ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар



мамлакатамон торафт афзоиш дорад. Ҳоло Ватани маҳбубамон ба теъдоди зиёди омӯзгорони мумтози забонҳои хориҷӣ ва тарҷумонҳои варзида ниёзманд аст, – зикр кард дар нишасти матбуотӣ ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, профессор Жило Гулназарзода. Мавсуф илова намуд, ки дар донишкада айни замон 11 забони хориҷӣ омӯзонида мешавад ва ба донишҷӯён барои иловатан ба машғулиятҳои расмӣ ба забономӯзӣ машғул шудан шароит фароҳам оварда шудааст. Устодони таълимгоҳ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки донишҷӯён бо китобҳои дарсии забономӯзӣ ва бо дастурҳои мададгор таъмин бошанд. Танҳо дар давоми нимсолаи дуюми соли 2021 дар донишкада 4 китоби дарсии нав таҳия ва нашр шудааст. Ҳамчунин, озмуну маҳфилҳо, конфронсу ҷашнвораҳое, ки мунтазам дар таълимгоҳ баргузор карда мешаванд, ба таҳкими забономӯзии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Ректори донишкада иттилоъ дод, ки мондагортарину бафайзтарин воқеа дар давраи мазкур таҷлили бошукӯҳи ҷашни 30 – солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ба ин муносибат баргузор намудани ҳамоиши тантанавӣ таҳти унвони "Дураҳши ахтари дониш зи истиқлол бошад" бо иштироки вазири маориф ва илми мамлакат, академик М.Имомзода ба шумор меравад. Ин ҳамоиш ба тантанаи вежаи муҳаббати ҳамагон ба ватан, ифодагари неруи дӯстии халқҳо, рушдбахши ҳамдилию рафоқат ва собитсозӣ таҳкими сатҳи таълиму тарбия дар донишкада гардид. Ба ифтихори солҷашни фархундаи Истиқлоли давлатӣ бо кӯшишу эҳтимоми роҳбарият ва устодони донишкада 5 китоби ифтихорбарангезу муҳтавоманди зерин ба нашр расид: "Фотеҳи қуллаи армони миллат", "Энсиклопедияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода", "Боргоҳи забоншиносӣ аз равзаи таърих", "Донишномаи забонҳо", "Улуғзода вафодори Ватан буд".

Воқеан, ин донишкадаи маъруфи кишвар бо ҳафтаномаи "Омӯзгор" ҳамкорӣ ва иртиботи бафайз дорад. Соли гузашта бо ибтикори ин ду ниҳоди маърифатӣ озмуни муштараке бо номи "Улуғзода вафодори Ватан буд" барои беҳтарин мақолаҳо ҷараён ёфт, ки хеле пурсамар буд ва яке аз китобҳои мазкур самараи ҳамин ҳамкорист.

*А.МУРОДӢ,*
*"Омӯзгор"*

Ба ифтихори 1050-солагии олими барҷастаи Шарқ Абурайҳони Берунӣ ҳамоиши илмӣ-назариявии байналмилалӣ доир шуд.

ИННОВАТСИЯ

**Дар ҷаҳони муосир фаъолияти инсонҳоро ҳама гуна технологияҳои иттилоотӣ фаро гирифтаанд: компютерҳо, ноутбукҳо, планшетҳо, китобҳои электронӣ ва смартфонҳо. Кӯдакони мо "фарзандон"-и технологияҳои нав мебошанд, васоити коғазӣ барои онҳо ҷолиб нестанд. Муаллим дар ин ҳолат бояд чӣ кор кунад?**

# Дарсҳои видеоӣ

Пеш аз ҳама, ӯ бояд худ мутобиқи воқеияти рӯз амал кунад, дар раванди таълим истифода бурдани технологияҳои рақамӣ ва маҳсулоти онҳоро аз худ намояд.

Мехостам, бо ҳамкасбонам вобаста ба мафҳуми «дарси видеоӣ» сухан бигӯям. Дарсҳои видеоӣ метавонанд ду намуд бошанд:

1. Ҳангоме ки талабагон аз 5 то 15 дақиқа видеои таълимиро тамошо мекунанд, дар он аввал ба онҳо оид ба назария гуфта мешавад (чун қоида, маводи нав, шояд луғати нав оид ба мавзӯъ ворид карда мешавад ва ғ.) ва баъд мисолҳо оварда мешаванд. Дар ин видео шумо метавонед вазифаҳои ибтидоиро диҳед, ки ба назорат, азхудкунии маводи дидашуда ва шунидашуда нигаронида шудаанд.

2. Ҳангоми дарс хонандагон наворҳои кӯтоҳмуддатро (порчаҳо аз филмҳои тасвирӣ, филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ, сериалҳои телевизионӣ ва барномаҳои илмию таълимӣ) тамошо мекунанд, ки хусусияти таълимӣ доранд (маводи нав оид ба мавзӯъ, васеъ намудани мавод, мустаҳкамкунӣ, такрорӣ). Пас аз тамошои видео шогирдон аксар вақт як қатор вазифаҳои коммуникативиро иҷро мекунанд.

Як намуди дарси видеоиро алоҳида дида мебинем.

Агар сухан дар бораи навъи якуми видеодарс равад, пас ин усул кори мустақилонаи муаллимро дар ҳамаи давраҳои тайёрӣ дар бар мегирад. Муаллим бояд барномаи махсус барои сабти видео дошта бошад ва аз он истифода бурда тавонад, инчунин, дар PowerPoint ё барномаи дигаре, ки асоси онро ташкил медиҳад, презентатсияҳоро дуруст тартиб диҳад. Навори видеоӣ, маводи презентатсияи омодашударо тавре садо диҳед, ки қисми назариявӣ барои толибилмон дастрас ва фаҳмо бошад.

Албатта, дар айни замон дар Интернет шумо метавонед дарсҳои видеоии тайёрро дар мавзуъҳои гуногун пайдо кунед, аммо онҳо на ҳамеша ба мавзуи мушаххаси дарс мувофиқат мекунанд. Маводи видеоиро дар марҳалаи муайяни дарс, тибқи зарурат пурра додан мумкин аст ё баръакс, танҳо як қисми ками онро намоиш додан метавон.

Сарфи назар аз заҳматталабӣ ва вақти зиёд гирифтани тайёр кардани мавод, ин намуди кор дар синф самара медиҳад. Пешниҳоди ҷолиби мавод ба афзоиши азхудкунии мавзуъ мусоидат мекунад. Бо тамошои видеофилмҳо хонандагон дар раванди таълим фаъолтар иштирок мекунанд ва агар онҳо то ҳол вазифаҳои интерактивӣ дошта бошанд, пас раванди дарки иттилооти нав на танҳо дар байни хонандагоне, ки ба ин мавзуъ шавқ доранд, балки дар байни онҳое, ки ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, зиёд мешавад.



Хусусияти дигари фарқкунандаи ин усул дар он аст, ки хонандагон дар сурати дар дарс иштирок накарданашон ин маводро мустақилона кор карда мебароянд. Ба муаллим ва хонанда лозим нест, ки барои аз худ кардани мавзуи гузаштташуда вақти муносиб ҷустуҷӯ кунанд, хонанда метавонад мустақилона мавзуъро дар замон ва маконе, ки ба ӯ мувофиқ аст, тамошо кунад ва дар сурати пайдо шудани мушкилот ё саволҳо, онҳоро бо муаллим муҳокима кунад. Инчунин, ин маводро ҳама хонандагони ҳавасманд метавонанд дар хона дубора дида, мавзуи дарсро амиқтар аз худ кунанд ва мустаҳкам намоянд. Дарси видеоӣ метавонад ҳамчун маводи ҷолиби иловагии ёрирасон ба хонандагон дар раванди таълим хизмат намояд. Бо афзоиши наворҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, мактаббачагон метавонанд ҳатто бо телефонҳои мобилии худ ин корро анҷом диҳанд, на танҳо аз компютер, ноутбук ва планшетҳо.

Ҳангоми истифода бурдани дарси видеоии навъи дуюм ба муаллим танҳо лозим аст, ки порчаҳои видеоиро интихоб кунад, ки ба мазмуни дарс ва маводи омӯхташавандаи хонандагон мувофиқ бошанд. Баъд муаллим машқҳо ва супоришҳоро, ки хонандагон пеш, ҳангоми ва баъди тамошои видеоӣ иҷро мекунанд, интихоб ё таҳия мекунад.

Машқҳо метавонанд инфиродӣ буда, дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ дошта, хусусиятҳои инфиродӣ ва тафриқавии омӯзишро таъмин кунад. Машқҳои гурӯҳӣ, ки ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ дар байни ҳамсолон мусоидат мекунанд ва ба кор бо тамоми синф ё гурӯҳ нигаронида шудаанд, хонандагонро водор мекунад, ки фаъолтар дар дарс иштирок кунанд.

Дар шароити муосир омили баланд бардоштани сифати таълиму омӯзиш бунёд намудани муҳити инноватсионӣ мебошад. Ҷорӣ намудани дарсҳои видеоӣ тақозои замон буда, сабабҳои зиёде дорад: масалан, вазъи бади саломатӣ, дар масофаи хеле дур ҷой гирифтани муассисаи таълимӣ, эълон гардидани карантин ё ягон офати табиӣ ва ғайра. Ҳамзамон, хонандагон мунтазам ба муассисаи таълимӣ мераванд, аммо баъзеи онҳо натиҷаи зарурии таълимро ба даст намеоранд, дар таҳсил ақиб мемонанд, майлу рағбатро ба ин ё он фан нишон намедиҳанд ва ба монанди ин рӯйдодҳои манфӣ дар раванди таълим бо хонандагон рух медиҳад.

Аз ҳамин сабаб таҳия ва истифодаи дарсҳои видеоӣ метавонад яке аз роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли ин мушкилот гардад.

Бо сар задани пандемияи COVID зарурати таҳияи дарсҳои телевизионӣ дар тамоми ҷаҳон ба миён омад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ЮНИСЕФ дархост кард, ки ба онҳо дар таҳия намудани барномае, ки метавонад дар шароити хона истифода бурда шавад, мусоидат намоянд, то ки идомаи таҳсили кӯдакон дар чунин вазъият таъмин гардад. Бо дастгирии техникӣ ва молиявии ЮНИСЕФ ва Иттиҳоди Аврупо Вазорати маориф ва илм омода намудани дарсҳои телевизиониро оғоз намуд.

Дарсҳои сабтшуда (аз 10 то 20 дақиқа) аз фанҳои гуногуни таълимӣ буда, дар онҳо мавзуи асосӣ, принсипҳо ва назарияҳои илмиро бо истифода аз ҳикояҳо, забони фаҳмо (аз ҷумла, забони имову ишора) ва фаъолиятҳои амалӣ, бо такя ба супоришҳои иловагӣ, бо усулҳои беҳтарини омӯзиши фосилавӣ кушода медиҳанд. Дарсҳо дар асоси стандарт, барномаи фаннӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда тарҳрезӣ шудаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шароити Тоҷикистон, ки офатҳои табиӣ зуд-зуд ба амал меоянд, метавонад ба фаъолияти мактаб бо маҳдуд намудани дастраси хонандагон ба омӯзиш дар синфхона таъсир расонад. Ё ин ки бо дигар сабабҳо: дурии роҳи хона аз муассисаи таълимӣ , беморӣ тӯлонӣ, ҳолатҳои фавқулода, ҳангоме ки мактабҳо барои таълимгирандагон дастрас нестанд, дарсҳои видеоӣ метавонанд хеле хуб мусоидат намоянд.

Инчунин, дарсҳои мазкур барои таълим ва омӯзиши интерактивӣ дар синф бо истифода аз технологияву аёниятҳо кумак менамоянд...

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз он ки дарси видеоӣ танҳо як порай дарс аст дар ҷараёни он хонанда ин ё он маълумотро тавассути васоити рақамӣ қабул мекунад, дарк кардани онро меомӯзад ва дар амал ба таври кофӣ татбиқ мекунад.

*Наргис ЗИЁЕВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби байналмилалии Президентӣ*

БИОЛОГИЯ

Дар дарсҳои биология (синфҳои 10-11) омӯзиши амиқи мавзуъҳои таълимӣ бо истифодаи усулҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Истифода аз технологияи нави замонавӣ имкон медиҳад, ки расми ҳайвонот, парандагону ҳашарот ва хазандагон, сохти организм ва хосиятҳои дигари биологии мавҷудоти мазкур ба таври аёнӣ омӯзонида шавад. Вобаста ба мавзуъҳои пешбинишуда, барои тафсиру тавзеҳи мафҳуму истилоҳоти биологӣ аз фарҳангу луғатҳои махсуси илмӣ-соҳавӣ истифода кардан судманду бамаврид мебошад. Ҳамчунин, дар машғулиятҳои биология аз харитаҳои ҷуғрофию табиӣ метавон кор бурд.

# Муносибатҳои мутақобилаи организмҳо

Ҳангоми омӯзондани мавзуи «Муносибатҳои мутақобилаи организмҳо» ба шогирдон ба таври содаю осон нахуст дар хусуси мафҳуми «симбиоз» маълумот медиҳем. Симбиоз ё ҳамзистӣ, бо ҳам ҳаёт гузаронидани ду ё якчанд организме мебошад, ки барои якдигар фоидабахшанд. Якчанд шакли ҳамзистии организмҳои зинда вуҷуд дорад. Ҳамкорӣ (кооператсия). Намунаи чунин ҳамзистӣ рафтори харчанг бо актиния (полипҳои марҷонӣ) мебошад. Харчанг дар гӯшмоҳии нармбадан ҷой мегирад ва онро дар пушти худ ҳар ҷо мебарад. Ин муносибати ҳамзистона барои ҳар ду ҷонвар фоидабахш мебошад. Аввалан, харчанг дар ковокии бадани гӯшмоҳӣ ҷой гирифта, фазои онро васеъ мекунад. Актиния ин вазъиятро барои дарёфти ғизо истифода мекунад, аз ғизои дарёфткардаи актиния харчанг низ истеъмол мекунад. Ба ҳамин монанд, кирмҳои мӯякдор низ бо харчангу актиния ҳамроҳ мешаванд. Муносибатҳои ҳамзистона дар байни организмҳои зинда аҳамияти бузург дорад. Аз ҷумла, кирмҳои мӯякдор рафи гӯшмоҳиро тоза карда, аз ҷонварони муфтхӯр ҳифзаш мекунад. Тавре маълум аст, мавҷудоти муфтхӯр (паразитҳо) дар ҳаёт хеле зиёд вомехӯранд. Аксари организмҳои зинда, ки бо ҳамзистӣ зиндагӣ мекунанд, паразитҳоро туъмаи худ қарор медиҳанд. Мисоли чунин ҳамзистии ҳадафмандона байни мормоҳӣ ва харчанги баҳрӣ ба мушоҳида мерасид, ки дар якҷоягӣ паразитҳоро фурӯ мебаранд. Дар табиат чунин ҳолат ҳамарӯза дар байни парандаҳо ва сумдорон ба мушоҳида мерасад. Бисёре аз парандагон аз байни пашми ҳайвонот ҳашароти гуногунро чида, ҳамчун ғизо истифода мекунанд. Яке аз шаклҳои паҳнгардидаи ҳамзистӣ комменсализм ба шумор меравад. Тафовути ин ҳодисаи аз дигар ҳамзистии мутақобилаи байни мавҷудоти олам дар он аст, ки ин ҳамзистӣ ба яке аз ҳайвонот фоида меорад. Чунин шакли ҳамзистиро як навъ муфтхӯрӣ ҳам номид. Масалан, кафтар пасмондаи хӯроки шерро истеъмол мекунад. Наботот ҳам намудҳои дигарро ба сифати ҷойи зист истифода мебарад. Таври мисол, эпифитҳо метавонанд обсабз, гулсанг, ушна, рустаниҳои гулдор бошанд. Эпифитҳо ба дарахтҳо часпида мегиранд, вале дарахт барои эпифитҳо манбаи ғизо ё намакҳои маъданӣ нест.

Дар раванди дарс аз варақчаҳо, супоришҳои тестӣ ва нақли моҳияти мавзуи нав истифода мекунем.

*Сайринисо МАҲАТБЕКОВА,*
*омӯзгори МТМУ №123-и ноҳияи Рӯдакӣ*

МАРКАЗИ ТЕСТӢ

# Ҷалби кормандони муваққатии нуқтаҳои бақайдгирӣ ба омӯзиш

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади омӯзиш ва интихоби роҳбарон, ёварони роҳбарон ва бақайдгирандагони нуқтаҳои бақайдгирӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 аз 8-уми феврали соли ҷорӣ семинарҳои омӯзиширо барои кормандони нуқтаҳои бақайдгирӣ оғоз менамояд.

Мувофиқи нақша дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар 34 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 40 нуқтаи бақайдгирии доимӣ бо теъдоди 142 истгоҳи корӣ ва дар 25 шаҳру ноҳияи дигар нуқтаҳои сайёри бақайдгирии таъсис дода мешавад.

Тибқи эълон, бо тариқи электронӣ 571 нафар хоҳишманд бо мақсади иштирок дар озмун барои интихоби кормандони муваққатии нуқтаҳои бақайдгирӣ ариза (бо ҳуҷҷатҳои дигар) пешниҳод намудаанд. Аз ин шумора, мувофиқи таҳлилу баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодкарда, 440 нафарашон ба семинарҳои омӯзишӣ ҷалб карда мешаванд.

Барои ташкилу баргузории семинарҳои омӯзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Панҷакент, Рашт ва Данғара, аз ҷумлаи кормандони Марказ гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шудааст. Тибқи барнома, семинарҳои омӯзишӣ барои 15 гурӯҳ дар шаҳрҳои зикршуда то 20-уми феврали соли ҷорӣ идома ёфт. Дар асоси озмун шахсони ба талабот ҷавобгӯй ва дорои донишу маҳорати арзанда барои кор дар нуқтаҳои бақайдгирӣ интихоб карда мешаванд, ки шумораашон 220 нафарро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки бақайдгирии довталабон 1-уми марти соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад.

**Дар шаҳри Турсунзода то ҷашни Наврӯз 120 омӯзгор ва 60 табиби эҳтиёҷманд соҳиби қитъаи замини наздиҳавлигӣ мегарданд.**

*Ҷон фидои ёрони мувофиқ кунед!*

*Убайди Зоконӣ*



ИСЛОҲОТ

# Таҳсилот ва замон

*Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати миллӣ буда, дар қаламрави он намояндагони дигар миллату халқ низ умр ба сар мебаранд. Барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ақаллиятҳои миллӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла, Эъломия "Дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуқ доранд" ва Конвенсияи ҳудудӣ "Дар бораи ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ" қабул шудаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба онҳо имзо гузоштааст.*

Яке аз паҳлуҳои муҳимми ҳаёти ақаллиятҳои миллӣ, дастраси онҳо ба таҳсилот мебошад. Бо мақсади таҳлили вазъи дастраси ақаллиятҳои миллии маскуни Тоҷикистон ба таҳсилоти миёна ва касбӣ аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии "Иқтисод ва маориф" тадқиқот гузаронда шуд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум, ба ғайр аз забони давлатӣ – тоҷикӣ, боз мактабҳои дузабона ва сезабона бо 6 забони ақаллиятҳои миллӣ ва ғайр (русӣ, узбекӣ, қирғизӣ, туркӣ, туркменӣ, англисӣ) ҳастанд, аммо теъдоди онҳо зиёд нест. Дар назарсанҷии волидони хонандагон маълум шуд, ки 80% иштирокчиёни назарсанҷӣ зиёд кардани шумораи мактабҳои таълимашон бо забонҳои ақаллиятҳои миллиро муҳим медонанд. Аз 100 нафар иштирокчӣ 51% ҷонибдори онанд, ки мактабҳои таълимашон бо ду забон бештар карда шаванд. Мушкили асосие, ки онҳоро нигарон кардааст, таъмини имконияти идомаи таҳсил, яъне таҳсилоти касбӣ бо забони ақаллиятҳои миллӣ мебошад. Ба ҳамин хотир, 96% зиёд таъмини шароит барои идомаи таҳсилро муҳим арзёбӣ карданд.

Бартарии забони муошират дар мактабҳои миёна низ паҳлуи дигари назарсанҷӣ буд. 35% гуфтанд, ки бехтараш, ба хонандагон – намояндагони ақаллиятҳои миллӣ иҷозат дода нашавад, ки дар муассисаи таълимӣ байни ҳамдигар бо забони модарӣ муошират кунанд, чун ин монеаи омӯзиши осони забони давлатӣ мегардад. 55% ба ин ақида буданд, ки донистани забони тоҷикӣ барои ақаллиятҳои миллӣ муҳимтар аст. Дар ин баробар 69% хостори таъмини шароит барои омӯзиши забони модарӣ ба ақаллиятҳои миллӣ буданд. 77% бехтар донистанд, ки интихоби забони таълим ва муошират ба худи хонандагон вогузор гардад.

Иштирокчиён, инчунин, шароити моддию техникии мактабҳоеро, ки дар онҳо намояндагони ақаллиятҳои миллӣ таҳсил мекунанд, арзёбӣ карданд, ки натиҷа чунин аст:




Ба назар гирифтани тафовутҳои фарҳангӣ ҳангоми ташкили ҷараёни таълим ва истироҳат дар мактаб маъно надорад, зеро бачагон – намояндагони фарҳангҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Ба дурустии ин ақида 30% ихтилофи назар ва ба 21% бетафовутӣ зоҳир карданд, аммо 49% ҷонибдории худро ба ин андеша тасдиқ намуданд. Аз ин посухҳо бармеояд, ки то ҳанӯз миёни аксарият ва ақаллият тафовутҳои фарҳангӣ ҷой доранд ва ин ҷиҳатҳо бояд дар ташкили ҷараёни таълим ба назар гирифта шаванд.

13% аз пурсидашудагон барои бо забони давлатӣ таҳсил кардани бачагон – намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ розӣ нестанд, яъне онҳо розианд, ки аз хизматрасониҳо истифода бурда, бачаҳо бо забони модарӣ таҳсил кунанд. Барои 31%, ки дар ҷавоб оҷизӣ кашиданд, шояд ин масъала бефарқ бошад, аммо барои 56% муҳим ин аст, ки бачаҳо бояд ба забони давлатӣ мушкил надошта бошанд, барои онҳо хизматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод кардан муҳим нест.

Масъалаи муҳим ва мушкилоти ҷойдошта барои ақаллиятҳои миллӣ имконияти идомаи таҳсил аст. Зеро барои касоне, ки дар мактабҳо бо забони ғайр таҳсил кардаанд, дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ омӯзиш бо забони давлатӣ мушкил аст. Ба саволе, ки фарзандони Шумо, бо забони модариашон таҳсилоти касбӣ мекунанд (ё карданд), 35 нафар аз русҳо, 11 нафар ӯзбек, 2 нафар қирғиз ҷавоби мусбат доданд,



вале қисме иброз доштанд, ки фарзандонашон аз ноилоҷӣ бо забони ғайримодарияшон таҳсил мекунанд. Масалан, 35 нафар аз ноилоҷӣ бо забони тоҷикӣ, 9 нафар бо ӯзбекӣ, 1 нафар қирғизӣ мехонанд.

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки намояндагони ақаллиятҳои миллӣ мутаносибан бо шумораашон имкониятҳои бештар доранд. Масалан, азбаски шумораи ӯзбекҳо дар Тоҷикистон нисбат ба дигар миллатҳо зиёд аст, ҳоло дар кишвар мактабҳои таълимашон бо забони узбекӣ, тоҷикӣ-узбекӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ-туркманӣ (то соли 2016), тоҷикӣ-русӣ-узбекӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ-қирғизӣ фаъолият доранд. Барои туркманҳо бошад, дар умум, 1 мактаби туркманӣ ва 4 мактаби тоҷикӣ-туркманӣ фаъолият дорад. Омӯзиши ин динамика нишон медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини дастраси ақаллиятҳои миллӣ ба таҳсил кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

**Маводи мазкур дар доираи лоиҳаи «Таҳлили дастрасӣ ба таҳсилот барои ақаллиятҳои миллӣ», ки онро Иттиҳодияи ҷамъиятии «Иқтисод ва маориф» амалӣ менамояд, омода шудааст.**

*Саидаи ФАЗЛ,*
*Нурулло ҒАФУРИЁН*

МАСЪУЛИЯТ

# Тарбия сарҳад надорад

Тарбияи фарзанд дар ҳама давру замон яке аз рукнҳои асосии фаъолияти волидайн маҳсуб ёфта, масъулияти зиёду таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамояд.

Ба дунё омадани фарзанд сабаби саодатмандӣ ва хушбахтии падару модар буда, онҳо орзуи неку зиёдеро дар дил мепарваранд, ки ояндаи фарзандонро дурахшон ва мамлову муваффақиятҳо мебинанд.

Чун ин саодатмандӣ насибашон мегардад, дар назди худ мақсад мегузоранд, ки умре дар тарбия ва таълими фарзанд кӯшида, аз ӯ шахсияти бузургу баркамол ба воя расонанд. Бо ин ҳама орзую ниятҳои неку хайрхоҳона аз пайи парвариши фарзанд мешаванд

Замони ба синфи як қадам ниҳодани фарзанд, волидон масъулияти баландро дарк намуда, робитаро бо муассисаи таълимӣ дар сатҳи баланд ба роҳ мемонанд. Пайваста аз ободу дониши фарзандашон пурсон шуда, тамоми асбобу анҷоми хонишро бахраш муҳайё месозанд, дар маҳлисҳои синфӣ фаъолона иштирок мекунанду бахри омӯзиши илм ба онҳо кумак мерасонанд.

Баъд зинаи мураккабтар фаро мерасад, фарзанд дар синфи 5-ум аз муаллимоне, ки то ҳол ӯро надидаву қариб намешиносад, сабақи илм меомӯзад.

Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки ахлоқи коста доранд. Ин, албатта, омилҳои зиёде дорад, ки ҳалли он дар якҷоягӣ бо оила ва муассисаи таълимӣ сурат мегирад ва волидайн ин ҷо бештар мувазаафанд:

1) Баъзе волидайне пайдо мешаванд, ки баъди ба синфи 5-ум гузаштани фарзандашон хеле кам ва ё бо исрори роҳбари синф ба мактаб меоянд. Бо бархе аз онҳо роҳбари синф тавассути телефони мобилӣ дар тамос мешаваду халос. Фарзандон аз ин рафтори волидайн истифода бурда, нисбат ба калонсолону омӯзгорон беэҳтиромӣ зоҳир менамоянд, алфози қабеҳро пайваста ба забон меоранд, ба дарсҳо беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

2) Сабаби дигари чунин ранг гирифтани ахлоқи наврасон танҳо дар тарбияи модар мондани онҳост. Бештари падарон ба кишвари Русия сафар карда, ин вазифаи пурмашаққатро ба дӯши модарон вогузор мекунанд. Давраи наврасӣ, ки давраи мураккаб аст, волидайнро мебояд, ки дар якҷоягӣ ин масъулиятро ба зимма гиранд, дар он сурат кор ранги дигар мегирад.

3) Ба фарзандон додани телефони мобилӣ низ сабаби костагии ахлоқи онҳо мегардад. Мутаассифона, наврасон аз телефони мобилӣ оқилона истифода намекунанд. Чун ба дасташон афтод, ба он пурра дода шуда, ҳама чизро фаромӯш месозанд ва аз он дил канда наметавонанд.

Ин гуна бепарвоию хунукназарона рафтор намудани падару модарон ба ташаккули маънавии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад.

Агар волидайн он масъулиятеро, ки дар зинаи аввали таҳсили фарзандашон хуб анҷом медоданд, то ба охир, яъне то хатми муассисаи таълимӣ идома диҳанд, бо боварӣ метавон гуфт, ки фарзанди худро ҳамчун яке аз шахсиятҳои бехтарини ҷомеа ба воя мерасонанд.

Дар сурати пуркувват намудани робита бо муассисаи таълимӣ, назорати пайвастаи фарзандон аз рӯйи донишу интизоми онҳо, сари вақт бо роҳбари синфу муаллимони фаннӣ ҳамсуҳбат гардидан, чунин камбудию норасоӣ бартараф гардида, арзандатарин фардро метавон ба камол расонд.

*Бону АҲЁЕВА,*
*омӯзгори гимназияи №1-и ноҳияи Варзоб*

ТАҶРИБА

# Тақвиятбахши шавқи хонандагон

Падидаи методӣ аз таҷриба бамиён меояд. Маълум аст, ки дарс гуфтори якрангу дилбазан набуду нест. Банда ман низ омӯзгорам ва аксаран ба хаёли дарси шавқовар ба фикр фурӯ меравам.

Хонандаро талқин мекунам, ки ба ин роҳ алифбои забони англисиро ба хотир гирад. Менависам 2620644.




Шӯхиомез мегӯям: ин рақамҳои телефони забони англисит. Мефаҳмонам: рақами 26-ҳарф, 20-ҳамсадо, 6-садонок, 44-овоз.

Сипас дар синф машқи овоз мегузаронам ва талабагон бо шавқ аз вожаҳо садонок ҳамсадоро муайян мекунанд ва барои алоқамандии фанҳо онҳоро ба сайри забони тоҷикӣ мебарам.

Шеър ҳамеша таконбахши фикр аст. Мусоидат мекунад ба равонии нутқ. Ҳангоми машғулиятҳо инро ба ҳисоб мегирам ва мехонем:

(Шеър аз тахтаи электронӣ сабт мешавад)

I saw? I saw, I saw,
I saw a lion at the zoo.
I saw, I saw, I saw,
I saw, a baby elephant too.
I saw, I saw, I saw,
I saw, a big grey kangroo.
I saw, I saw, I saw,
I saw them at the zoo.

Бо даъвати ман шогирдон мехонанд. Дар ҳар як навбат як қатори шеърро пок мекунам ва ҳамин тавр ҳамаи қатори шеърро пок мекунам. Супориш медиҳам, ки акнун шеърро хонед. Бо ҳамин тарз шеър бо поккории мисраъҳо ва ба ёд овардани сатрҳои тозашуда аз ёд мешавад.

Яке аз шаклҳои маъмул ҳангоми дарсгузаронӣ машқи фонетикӣ мебошад. Ин роҳ имкон медиҳад, ки талабаҳо ба таври дастрас овозҳои дарозу кӯтоҳро ба зудӣ фаҳманд ва дар таҳлил мушкилӣ накашанд.

Мисол: date [deit]
Name [neim]
Face [feis]

Ҳоло талабот ба сифати дарс бештар ва дигаргуна аст. Муаллим бо шогирдон ҳамеша дар ҷустуҷӯ мебошанд. Тестҳо ҳам акнун барои андешаронӣ, машқи бахотиргирӣ мадад мерасонанд.

Онҳоро метавон аз бобӣ хотимавии мавзуъҳо истифода бурд. Барои хонандагон мавзуи замонҳо андаке мушкилӣ пеш меорад. Бо роҳи тестӣ ва машқҳои силсиладор мушкилиро бартараф хоҳем кард.

Шавқи толибилмонро ба омӯзиши забони англисӣ метавон бо роҳҳои мухталиф сайқал дод. Мисли тартиб додани диалог, аз калимаҳои дохили зарбулмасалҳо гирифтани вожаи дилхоҳ ва мавҳеи онро ёфта ҷо кардан: Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯ, Меҳнат кунӣ-роҳат мебинӣ. Забони донӣ-ҷаҳон донӣ ва монанди инҳо.

Ҳама дарс бо навгониҳояш ҷолиби пурсамар хоҳад буд.

*Беҳзод ШОДМОНҚУЛОВ,*
*омӯзгори МТМУ №2 ба номи Қутбӣ Кчисленные, ноҳияи Айнӣ*

Дар ояндаи наздик дар мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон кодҳои QR ҷорӣ мешаванд.

ТАЪЛИМГОҲИ МУВАФФАҚ

# Ҳар рӯзеро самарест

Субҳи рӯзи душанбе буд - оғози ҳафтаи нави таҳсил. Сарвари мактаб тибқи одати деринаш барвақт ба саҳни таълимгоҳ расид. То оғози дарсҳо беш аз як соат вақт ҳаст. Оҳиста-оҳиста дар атрофи бинои дабистон қадам зад, ба кунҷу канор назар афканд, аз вазъи тозагии раҳраву ҷӯйбор, варзишгоҳу фароғатгоҳҳо огоҳӣ дарёфт, аз накҳати субҳонаи гулҳои тару тозаи назди вурудгоҳ димоғ муаттар кард. Таъби болида дошт роҳбари мактаб. Хушо, ки дастовардҳои аҳли таълимгоҳ марҳила ба марҳила меафзоянд ва гуворост, ки қариб ҳар рӯз аз ҳамкорон, аз ҷонишинонашон ва аз масъулини дигари муассисаи таълимӣ паёме хуш мешунавад:



-Устод, шодиёна! Шогирдамон Абдуносир Шарофиддинов дар озмуни Академияи хурди илмҳо аз фанни физика сазовори ҷои аввал гашт.

-Устод, хабари хуш! Дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннии хонандагон се ҷои ифтихориро ба даст овардем: Чарос аз фанни забони давлатӣ ҷои дуюмро ишғол кард, Зурриёт аз фанни риёзиёт сазовори ҷои сеюм гардид, Абдуносир аз фанни физика ҷои дуюмро ба даст овард.

-Устод, мо – ғолиб! Дастаи омӯзгорони волейболбози мактабамон дар мусобиқаи ноҳиявӣ ҳамаро мағлуб карда, ғолиби мутлақ гашт.

-Устод, боз як муваффақият! Хонандаамон Элнора Умарова дар озмуни "Знатоки русского языка" дар микёси ноҳия сазовори ҷои аввал дониста шуд.

-Устод, паёми нав! Кумитаи волидон тасмим гирифтааст, ки ба дарсгоҳи компютерии мактаб боз ду адад компютер дастрас намояд...

Рӯҳафзою гуворост хабари хуш, касро ба кор бештар дилгарм мекунад, неруи тоза мебахшад, масъулиятафзо мешавад, обрӯю эътибори таълимгоҳро боз ҳам баланд мебардорад. Сарвари мактаб банди андешаҳои дилчасп ворид бинои дабистон шуд ва дар саҳни ороста бо гулҳои рангоранг чашмаш ба овезаи калонтар аз ҳама лавҳаю овезаҳои дигар бархӯрд. Ҳар субҳ мебинаду мехонад ин овезаро: "Дар назди кормандони соҳаи маориф имрӯз вазифаҳои ниҳоят муҳим, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати таълим, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон, инчунин, бо шароити замона мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим дар ҳама муассисаҳои соҳа қарор дорад. Вақти он расидааст, ки аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба сифатӣ гузарем". Чӣ қадар равшану дақиқ муайян шудааст вазифаҳои меҳварии аҳли маорифи ҷумҳурӣ дар ин гуфтаҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Мо дар замони рушди босуръати илму техника зиндагӣ дорем, як нафас дар ғафлат монем, то ба худ меоем, "корвон фарсаххо гузашта". Дуруст мегӯянд Сарвари кишвар, ки "Маориф бунёдгузори маърифат аст". Бояд ҳамарӯза пурмасъулу масъулиятмандона кор кард ва сифати таълиму тарбияро пайваста боло бурд. Хушо, ки дастовардҳои мактаб кам нестанд, чашмрасанд, вале ин ҳама ҳоло кам, корҳои зиёд дар пешанд, масъалаҳои ҳалталаб ҳастанд. Масалан, ҳамин масъалаи норасоии омӯзгорон. Мактаб чандест, ки ба як омӯзгори технологияи иттилоотӣ ва як омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ниёз дорад. Шуъбаи маориф ваъда дода, ки мадад мерасонем, ин мушкилӣ бартарафшаванда аст...

Инак, омӯзгорон ҳам як-як дарομада омаданд. Сарвари мактаб ҳамаи онҳоро бо чеҳраи боз ва суханони рӯҳбахш пешвоз гирифт. Бо нидои "салом, муаллим!" даста-даста хонандагон низ пасопеш вориди таълимгоҳ шуда, дар синфхонаҳои муҷаҳҳаз ҷойҳои худро ишғол карданд. Ниҳоят, занги мактаб аз оғози соати аввали рӯзи нави таҳсил хабар дод. Сарвари таълимгоҳ вориди дафтари кораш шуда, ҷузвдони ҳуҷҷатҳои расмии муассисаи таълимиро боз кард...

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 23-и ба номи Абдувалӣ Абдулқосимови ноҳияи Спитамен, ки дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Куруш воқеъ аст, омӯзгори ҷавону болаёқат Искандар Разоқов ба сифати директор кор мекунад ва дер боз дар тамоми ноҳия ҳамчун роҳбари муваффақ шинохта шудааст. Тахти роҳбарии ӯ сатҳи таълиму тарбия дар ин мактаб тадриҷан боло рафт, дарсгоҳҳо дар заминаи дастгирии шуъбаи маориф ва мададгории волидон ба дараҷаи зарурӣ муҷаҳҳаз гаштанд, бинои дабистон хеле ободу ороста шуд ва муҳимтар аз ҳама, ин ҷо як гурӯҳи аҳлу ҳамдилу тозакори омӯзгорон гирд омаданд, омӯзгороне, ки нисбат ба шогирдон дар баробари серталабӣ дилсӯзу ғамхоранд, худомӯзию табодули таҷрибаро шиор кардаанд ва дар ҳар давраи муайян дар курсҳои такмили ихтисос таҳсил менамоянд, бо волидон низ ҳамкорию робитаи доимию пурсамар доранд. Аз ин ҷост, ки дилбастагию шавқу ҳаваси хонандагон ба мактаб, ба таҳсил, ба китоб пайваста меафзояд. Ҳамин дилбастагӣ буд, ки масалан, аз 144 нафар хатмкардаи синфи 9 дар соли таҳсили гузашта 120 нафар қотеъона хоҳишманди идомаи таҳсил дар синфи 10 шуданд, танҳо 24 нафар азм карданд, ки таҳсилашонро дар коллеҷу омӯзишгоҳ давом диҳанд. Дар ҳамон соли таҳсил мактабро ба таҳсилоти миёнаи умумӣ 116 нафар хатм карданд ва аз ин теъдод 61 нафар донишҷӯи макотиби олии ҷумҳурӣ шуданд, 50 нафар таҳсил дар коллеҷҳоро пазируфтанд.

Дар таълимгоҳ тарбияи касбинтихобкунӣ хуб ба роҳ монда шудааст ва илова бар ин, маҳфилҳои гуногун, дарсҳои тарбиявӣ, вохӯриву мулоқотҳо ба мавзӯи аҳамияту моҳияти касбу ҳунарҳо мунтазам таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Мактаб дар ду баст фаъолият дорад ва 2084 хонандаро дар бар мегирад. Теъдоди омӯзгорон низ андак нест: 115 нафар (беш аз 90 дарсад дорои таҳсилоти олӣ ва тахассуси баланданд).

...Сарвари мактаб Искандар Разоқов боз ҳам тибқи одати деринаш аз ҳама охир – пас аз як соати ба анҷом расидани дарси охирини басти дуюм аз мактаб берун шуд. Қаноатманд аз он буд, ки тибқи мушоҳидаҳояш ва ахбори омӯзгорон имрӯз ҳам барои устодону хонандагон пурсамару хотирмон гузашт...

*А. МУРОДӢ,*
*Н. РАҶАБЗОДА*
*"Омӯзгор"*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

Дар нишасти матбуотии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори он Шоҳин Саидзода қайд намуд, ки дар соли 2021 ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2878 адад ҳуҷҷат ворид гардида, 1552 адад ҳуҷҷат содир шудааст.

Дар соли сипаришуда 5720 адад ҳуҷҷати таҳсилот тавассути муассисаҳои таълимӣ ва ё муроҷиати бевоситаи худи таълимиро ба анҷом расониданд.

Аз ҷониби кормандони Агентӣ ҷиҳати арзёбӣ намудани сифати таҳсилот, омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ намудани забонҳои русӣ ва англисӣ дар давоми соли гузашта омӯзиш, таҳлил ва мониторинги сифати таҳсилот тибқи нақшаи корӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои мушоварa мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

## Сифати таҳсилот қонеъкунанда нест

шаҳрвандон барои эътироф ва муайян намудани баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ворид гардида, 3850 адад ҳуҷҷати таҳсилот бо фармоиши директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш ва эътироф карда шуд. Ҳамзамон, дар ин давра барои муайян намудани аслияти ҳуҷҷатҳои таҳсилот, ба вазорату идораҳои дахлдор 197 адад мактуб омода ва ирсол гардида, қалбакӣ будани 5 адади он ошкор ва барои ҷораҷӯйӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод карда шуд.

Ҳамчунин масъулини раёсату шуъбаҳои марказӣ ва минтақавии Агентӣ 923 аттестатсияи давлатӣ (дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, 34 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, 10 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ), 416 аккредитатсияи давлатӣ (дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, 24 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ), 26 азнавбарасмиятдарорӣ ва 371 иҷозатномадиҳии муассисаҳои

Дар соли 2021 тибқи нақшаи кории Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани сифати таҳсилот ва сатҳи донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён дар 831 муассисаи таълимӣ, 9774 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 46 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва 11 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ санҷиш гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии санҷидашудаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сатҳи донишазхудкунии хонандагон (баҳои 3,4 ва 5) 77,6% ва сифати (баҳои 4 ва 5) 38,4%, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии санҷидашуда сатҳи донишазхудкунӣ 55,7% ва сифати таҳсилот 20,2 %, дар муассисаҳои санҷидашуда сатҳи донишазхудкунӣ 57,1% ва сифати таҳсилот 24,4% ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии санҷидашуда сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён 65,1% ва сифати таҳсилот 32,9%-ро ташкил медиҳад.

## «Мусаввир» нашр гардид

-Имсол дар зинаи бакалавриат 3 ихтисоси нав кушода шуд ва тибқи нақша қабули довталабонро ба ин ихтисосҳо ба роҳ мондем, - изҳор дошт дар нишасти матбуотии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, ректори он Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат ва афзуд, ки раванди таълим дар зинаи бакалавриат (шакли таҳсили рӯзона ва фосилавӣ), магистратура (рӯзона) ва доктор PHD (рӯзона) ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки соли гузашта донишкада дар самти таълим, илм, корҳои эҷодӣ, тарбия, робитаҳои байналмилалӣ ва молиявию хоҷагидорӣ ба як қатор муваффақияту дастовардҳо ноил гардид. Аз ҷумла, омӯзгори донишкада К. Наҷмиддинов бо шогирдон дар озмунҳои таҳияи рамзи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5500-солагии Саразми бостонӣ иштирок ва ғолиб омаданд.

-Хотиррасон менамоям, ки нияти деринаи мо оид ба таъсиси як маҷаллаи илмӣ-эҷодӣ бо номи "Мусаввир" ҷомаи амал пӯшид ва ҳоло шурои дуюми он дар дасти чоп қарор дорад, - бо қаноатмандӣ зикр намуд Ғанизода Ҷамшед Шуҷоат. Ҳамзамон, дар ин муддат 29 дарси маҳорат ва маҳфилҳо дар назди кафедраҳо гузаронида шуда, 5 нафар омӯзгори эҷодкори донишкада дар се намоиши байналмилалӣ иштирок намуданд. Дар худи донишкада 2 намоиши дигар барпо гардид. Бо мақсади аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кормандон ва омӯзгорон дар тӯли ҳар се сол, моҳи январи соли ҷорӣ бори дуюм курси такмили ихтисос аз рӯйи равияи "Санъати тасвирӣ" ва моҳи феврал, бори аввал аз рӯйи равияи "Санъатшиносӣ" ташкил ва гузаронида шуд.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*"Омӯзгор"*

## Фаъолон дастгирӣ меёбанд

Дар нишасти матбуотии коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, директори он Арафамо Даминзода зикр намуд, ки дар 8 факулта аз рӯи 8 ихтисос 110 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 87 нафар омӯзгори дараҷа ва унвони илмидошта ба 1960 нафар донишҷӯ таълиму тарбия медиҳанд.

Имсол 13 нафар донишҷӯ коллеҷро бо дипломи аъло хатм намуда, 89,6%-и омӯзгорон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб гардиданд. Дар ҳамин давра фаъолияти китобхонаи коллеҷ ва базаи моддӣ-техникии он мустаҳкам гардида, фонди умумии китобҳои дарсӣ ва бадеӣ ба 21076 нусха расид. Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати дастгирии олимону аспирантон ва унвонҷӯён маъмурияти коллеҷ ҳамасола маблағи муайянеро ҷудо мекунад. Дар ҳамин замина дастгирии лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯёну омӯзгорони ҷавон роҳандозӣ карда мешавад. Мавриди зикр аст, ки донишҷӯёни коллеҷ на танҳо бо баҳои хубу аъло мехонанд, балки дар ҷорабиниҳои фарҳангии шаҳри Кӯлоб ширкати фаъолона доранд. Донишҷӯи курси дуюм Фарзона Одиназода дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ-китоб аст», дар номинатсияи адабиёти бачагона иштирок намуда сазовори ҷойи якум гардид. Айни замон дар коллеҷ 4 нафар донишҷӯи аълохон барандаи идрори Президентӣ, 13 нафар идрори Раиси вилояти Хатлон ва 18 нафар идрорпулии номӣ мебошанд.

*Шариф АБДУЛҲАМИД,*
*«Омӯзгор»*

Давоми панҷ соли охир маҷмуи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар афзудааст.

*Чу ёбӣ дӯсте, сахташ нигаҳ дор!*

*Носири Хисрав*



ШАРАФМАНДОН

# Дар сафи фозилон



Ман аз охири солҳои 80-уми қарни XX бо марди фозил, инсони комилу нексиришт, фидоии роҳи маърифат, сарсупурдаи илму дониш устод Тӯракул Чумъаев, ки зиёда аз 60 соли умри бобаракати хешро дар роҳи таълиму тарбияти насли наврас бахшидаанд, ҳамкорӣ намуда истодаам.

Дар бораи кору фаъолияти устоди гиромӣ он қадар навиштаанд, ки шоистаи таҳсин аст. Устод дар баробари муаллими бузург будан, қалами бурро низ доранд. Ба қалами устод китобу дастурҳои зиёди таълимӣ, барномаҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ марбут мебошад. Устод дар мачаллаву рӯзномаҳои даврии ҷумҳурӣ мунтазам аз бурду бохти илму маориф пайваста мақолаҳои пурмазмун интишор менамоянд.

Камина бо устод ҳангоми раиси кумитаи падару модарони гимназияи №53 ба номи Муҳаббат Маҳмудова буданам, корҳои зиёдро ба нафъи халқу миллат ба сомон расонидаем. Бароги дар сатҳи баланд тайёр намудани мутахассилини ин даргоҳи накуноми маърифат ҷаҳду талошҳои муштарак ба сомон расонидаем. Ҳамон солҳо ин гимназия дар ҷумҳуриамон дар ҷойи намоён қарор дошт. Дастпарварони он муаррифгарони миллат ва давлат дар сатҳи байналмилалӣ буданд ва ҳастанд. Ин даргоҳ ифтихори шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Устод Тӯракул Ҷумъаев борҳо дар раванди дарсҳо, конференсияҳои илмӣ ва методӣ қайд намудаанд, ки хуб донистани илмҳои дақиқ табиатшиносӣ боиси рушди тафаккури илмии шогирдон хоҳад гашт. Ба илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ диққати махсус бояд дод.

Мо огоҳ ҳастем, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш солҳои 2020 – 2040 – ро "Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намуданд, ки рушди босуръати ҳаёти иҷтимоӣ ва истеҳсолот ба он сахт вобаста аст.

Хизматҳои устод Тӯракул Ҷумъаев нишони бо ордени "Шараф, дараҷаи 1", "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", чандин ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ қадрдонӣ гардидаанд. Собиқаю таҷрибаи устоди азиз барои мо, шогирдон, беҳтарин дарси зиндагӣ мебошад.

Устоди азиз аз синфи ҳафтум ба фарзанди калонии банда - Шахромҷон аз фанни физика дарс додаанд. Ӯ имрӯз хатмкунандаи Донишгоҳи техникии Брауншвайги Ҷумҳурии Олмон мебошад.

Устод Т.Ҷумъаев, пеш аз ҳама, инсони некусиришт, хушгуфтор, таҳаммулпеша ва дорои сифатҳои ҳамидае мебошанд, ки маҳз бо ин сифатҳо дар байни ҳамкорону шогирдон ва аҳли илм иззату эҳтироми хосаро соҳиб гардидаанд.

Зиндагинома ва фаъолияти он кас чун як мактаби бузургест, мактаби омӯзиш, худшиносӣ ва мактаби зиндагӣ, ки метавон аз он сабақҳои зиёде бардошт намуд.

*Шоҳназар БЕРДИЗОДА,*
*номзади илмҳои фалсафа,*
*мудири кафедраи фалсафаи*
*ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

ЗАҲМАТҚАРИН

***Иброҳимзода Қиёмиддин Мурод соли 1992 мактаби миёнаи №47-и ноҳияи Рӯдакиро хатм кардааст. Ӯ ба Академияи санъати театр (ГИТИС) шаҳри Москваи Федератсияи Россия дохил шуда, соли 1997 онро бо ихтисоси коргардони намоишномаҳои театрикунонидашуда ба итмом мерасонад.***

# Хидматаш арзандаю назаррас аст



Фаъолияти меҳнатии худро соли 1993 дар Филармонияи халқии ба номи Т. Муҳиддинови шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ҳисор ба ҳайси роҳбари бадеӣ оғоз намуд. Солҳои 1999 – 2005 ҳамчун директори Театр – студияи "Наргис" – и назди Бунёди Наргис Бандишоева ва солҳои 2005 – 2015 директори Бунёди Наргис Бандишоева фаъолият кардааст.

Соли 2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо тариқи озмун ба кор қабул шуд ва аз моҳи ноябри соли 2016 ба вазифаи сармутахассиси раёсати мазкур гузашта, то 10 марти соли 2020 фаъолият кардааст.

Тӯли ин муддат муаллиф ва коргардони 26 намоишномаи театрикунонидашуда, бахшида ба ҷашнҳои Истиқлоли давлатӣ, Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ буда, ин намоишномаҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Шаҳринав, Варзоб, Сангвор, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Хоруғ, Роғун, Турсунзода, Рошткалъа ва Мурғоб ба саҳна гузошта шуданд. Дар театр-студияи коргардони барномаҳои "Хандадара", "Ханда, ханда, ханда", "Гулханд", "Ҳазли солинавӣ", "Рангоранг", "Биё, бо ҳам биханд" ва намоишномаҳои "Марги сафед", "Маърифи хезумкаш", "Оби ширин", "Гиёҳи сеҳрнок" ва "Меҳрубони меҳрубон" буда, дар чандин намоишномаи дигар нақш офаридааст.

Қиёмиддин Иброҳимзода директор, муаллиф ва коргардони озмуни минтақавии ҳаваскорони санъат бо номи "Родмардони Ватан", фестивали Ҷумҳуриявии ансамблҳои тарона ва рақс бо номи "Гулу гулдастаҳои як чаманем", нахустфестивали ҷумҳуриявии маъюбон бо номи " Ганҷи нуҳуфта", фестивали ансамблҳои фолклорӣ – этнографӣ мебошад.

Қиёмиддин Иброҳимзода ҳамчун коргардони кино дар таҳияи филмҳои бадеии кӯтоҳмуддат ба монанди "Машварати тамбалон", "Оҳи Сабук", "Мактуби расмӣ", "Иди парандаҳо", "Ҷиноятқор", "Қиёмат", "Чароғи мунаввар" ва "Тире, ки хок хурд" саҳм гузоштааст.

Муаллиф ва коргардони барномаи ҳаҷвии "Аралаш" дар телевизиони "Баҳоронистон" буд.

Бори аввал намоишномаи "Гиёҳи сеҳрнок" – ро ба ҳаваскорони нобино таҳия ва пешкаш кардааст. Бори аввал дар Осиёи Марказӣ фестивали ҷумҳуриявии шахсони дорои имконияташон маҳдудро зери унвони "Ганҷи нуҳуфта" пешниҳоди тамошобинон кардааст. Муаллиф ва коргардони нахустини ҷашни "Меҳргон" ва "Сада" мебошад.

Соли 1996 намоишномаи "Наваос" – ро бо ҳаваскорони имконияташон маҳдуд (кару кунг) таҳия карда, дар фестивал озмуни "Мы можем всё", ки дар шаҳри Москва баргузор гардид, иштирок карда ҷойи дуюмро сазовор гардидааст.

Қиёмиддин Иброҳимзода китобҳои "Монолог" ва "Махзани эъод" – ро таълиф намудааст.

Мавсуф барои хизматҳои арзандааш дар соҳаи санъату фарҳанг ва тарбияи насли наврас бо нишони "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Аълочиии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", медали "Хизмати шоиста" ва медали "100- солагии матбуоти тоҷик" сарфароз гардидааст.

Қиёмиддин Иброҳимзода аз рӯзи таъин шудан ба вазифаи директори МД МИММСҶ ба номи М. Атоев дар назди хеш мақсад гузошт, ки ин муассисаро пешрав гардонида, хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ тарбия намуда, мутахассисони соҳибкасбро ба камол расонад. Дар ин муассиса ҳамчун роҳбари оқилу кордон шинохта шуда, хонандагонро ба озмуни "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" пешбар намуданд. Аз омӯзгорон талаб намуданд, ки шогирдони худро бо ин озмун омода намуда, бо онҳо дарсҳои иловагӣ гузаронанд. Боиси ифтихор аст, ки ба даври ҷумҳуриявии озмуни "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" 14 нафар хонандаги муассиса роҳ ёфта, сазовори диплом ва мукофотҳои пулӣ гардиданд. Ин ҳама аз заҳмату талошҳои бевоситаи устод Қ. М. Иброҳимзода мебошад.

Дар ҳамкорӣ бо волидайн тамоми синфхонаҳо аз таъмир бароварда шудааст. Бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Координатсионии барномаҳои "ТІКА" – и Туркия як синфхонаи компютерӣ бо 21 адад компютер, принтер муҷаҳҳаз гардониданд.

Устод Иброҳимзода ошёнаи якум ва дуюми хобгоҳро бо дастгирӣ ва кумаки волидайни хонандагони муассиса аз таъмир баровარда, рахту болопӯш ва кӯрпаву болишти нав харидорӣ намуд. Ҷои хоби толибилмон тозаю озода ва гарм мебошад. Барои хонандагон созҳои мусиқӣ харидорӣ карда шуд, ки шогирдон ба василаи онҳо мекушанд.

*Бозоргул САНГОВА,*
*муовини директор*
*оид ба тарбияи*
*мактаб - интернати*
*миёнаи махсуси*
*санъати ҷумҳуриявии*
*ба номи Миратулло Атоев*

СУННАТИ НИЁГОН

# Ҷашнҳои миллӣ тарбиятгаранд

Ганҷинаи фарҳанги мардуми тоҷик бағоят ибратбахшу таъсиргузор аст. Ҳам адабиёти бадеӣ, ҳам санъатҳои мусиқиву рассомӣ, кандакорӣ ва дӯзандагӣ дар худ тафаккур, ҷаҳоншиносӣ ва урфу одати мардуми моро таҷассум кардаанд.

Гузаштагони мо дар фаслҳои сол ҷашнҳои махсусро қайд мекарданд, ки ҳар кадоми онҳо бо рӯйдодҳои бузурги зиндагонӣ вобаста буданд. Агар ҷашни Наврӯз аз зинда шудани табиат, оғози киштy кор пайғом меовард, ниёгонамон иди Тиргонро ҳамчун шукрона аз оби ҷонбахш таҷлил мекарданд. Ҷашнҳои Меҳргон ва Сада ҳам фалсафаи баланди инсонсоз доранд. Мактаб дар худшинос шудани насли оянда миллат нақши низоят калон дорад ва аз ин рӯ, ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки дар баробари таълим додани фанни худ, ба тарғиби ҷашнҳои миллӣ ҳам машғул шавад. Оинҳои дар ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ҷойдошта инсонро қадршинос, эҳтиёткор ва худогоҳ мекунанд. Барои мисол, ҷашни Наврӯз моро водор мекунанд, ки табиатдӯст, зебоипараста ободгар бошем. Аз баҳор тозагарӣ, сафобахшандагӣ ва зебоӣ биомӯзем. Оинҳои ҷашни Меҳргон моро водор мекунад, ки ба қадри неъматҳои зиндагонӣ бирасем. Заминро ҳамчун модари ризқбахшанда дӯст дорем, онро эҳтиром намоем. Зеро хотири ҷамъ ба зиндагонии серу пури мо аз файзу баракати замин аст. Гузашта аз ин, ба хонандагон талқин кардани касби деҳқонӣ ва эҳтиром кардани кишоварзон шарт аст. Маҳз аз заҳматҳои шабонарӯзии деҳқонон дастархони мардум пур аз нозу неъмат мегардад. Равшан аст, ки бе фидокориҳои деҳқонон на ғалла мерасаду на меваҳои гуногуни лазиз.

Моҳияти тарбиявии ҷашни Сада ҳам низоят калон аст. Он ба яке аз неъматҳои муҳими зиндагонӣ, ба Оташ бахшида шудааст. Инсоният пас аз кашф кардани оташ ҷаҳони наверо дарёфт.

Агар мо моҳияти ҷашни Сада, аҳамияти оташ ва иртиботи ин ҷашнро ба ҷашнҳои дигари миллӣ хуб дарк кунем ва онро ба шогирдонамон фаҳмонем, олами андешаи онҳо равшан ва эҳтиромашон ба таърихи миллат даҳчанд хоҳад шуд. Ҳифзи фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шаҳҷаҳорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо, ворисони ин мероси бузург, ба ҳисоб меравад.

*Бибикалон ОХОНОВА,*
*омӯзгори МТМУ №3-и*
*деҳаи Рарзи ноҳияи Айнӣ*

# ТАВЗЕҲОТ

Бинобар сабаби роҳ додан ба камбудиҳои техникӣ ҳангоми таҳияи фармоиши вазири маориф ва илм аз 20.01.2022, №81 "Оид ба анҷоми соли таҳсили 2021-2022, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки дар нашрияи «Омӯзгор» (№5, аз 03.02.2022) ба нашр расид, бандҳо ва замимаи зерини фармоиши мазкур ба тариқи зайл хонда шавад:

"6.1. Барои равияи умумӣ "Химия" (тест) - 3 июн, "Адабиёт"(эссе)- 6 июн, "Алгебра" (хаттӣ) - 10 июн, "Забони русӣ" (диктант) дар синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, "Забони давлатӣ" (диктант) дар синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ - 13 июн,"Физика" (шифоҳӣ)-16 июн, "Таърихи халқи тоҷик"(тест)- 20 июн.

6.2. Барои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва зерравияҳои он: "Таърихи халқи тоҷик" (тест) - 3 июн, "Адабиёт" (эссе) - 6 июн, "Алгебра" (хаттӣ) -10 июн, "Забони русӣ" (диктант) дар синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, "Забони давлатӣ" (диктант) дар синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ - 13 июн, "Забони хориҷӣ" (шифоҳӣ) - 16 июн. "Ҳуқуқи инсон" (тест) - 20 июн.

7. Ба директорони муассисаҳои таълимие, ки 3 ва зиёда аз 3 синфи мувозӣ (параллелӣ) доранд, иҷозат дода мешавад, ки муҳлати аттестатсияи аз синф ба синф гузарониданро дар асоси қарори Шӯрои педагогӣ то 3 рӯз тамдид намоянд.

**Замимаи 5**

**Аттестатсияи хатм дар синфҳои 11 муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона ва 12 гоибона:**

*Равияи умумӣ*

1. Химия (тест)"
2. Адабиёт (эссе)
3. Алгебра (хаттӣ)
4. Забони русӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ, забони давлатӣ (диктант) барои синфҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ.

Соли 2021 Тоҷикистон наздик ба 300 ҳазор сайёҳи хориҷиро тасхир намуд.




## Судхӯр ва мӯзадӯз

Судхӯре ниҳоят бой дар хонаи боҳашамате мезист, ҳар чизе мехост, мехӯрду менӯшид, аммо фоҷиааш ҳамин буд, ки дуруст хоб карда наметавонист: гоҳо дар хаёлаш меомад, ки дуздон ба ӯ ҳамла мекунанд, гоҳо ба сараш фикри муфлисшавӣ мезад, гоҳ-гоҳе рӯзи маҳшарро низ ба ёд меовард.

Танҳо наздики субҳ хобаш меомад, аммо замзамаи сурудхонии хушнудонаи ҳамсояаш – мӯзадӯзи камбағал ба ин халал мерасонд: ачаб, ки ин мӯзадӯз шаб то саҳар мӯза медӯхту суруд мехонд ва дамодам бӯса ба рухи ёри меҳрубон мезад, бо вучуди он ки дар як кулбаи назарногире дар ҳамсоягии ӯ мезист.

Судхӯр аз ин ҳол ба танг меомад, чанд бор хоҳиш кард, ки сурудхониашро бас кунад, мӯзадӯз гапашро намегирифт... Дурудароз фикр карда, илоҷи корро гӯиё пайдо кард: мӯзадӯзро ба хонааш даъват карду аз вазъу ҳолаш пурсон шуд: мӯзадӯз шикоят накард, шукр, кораш бисёр, хонумаш зебову озода, дигар чӣ лозим барои як зиндагии одамӣ...

Судхӯр пурсид, ки оё ҳамсояаш мехоҳад, ки бой шавад? Мӯзадӯз: бойигарӣ то ҳол ба ягон кас халал нарасондааст. Судхӯр, ки интизори чунин посух буд, дарҳол ба ҳамсояаш як халта пул дода мегӯяд: «Ту аз аввал ба ман маъқул будӣ, ин пулҳорову бигиру кайфу сафо кун». Мӯзадӯз пулҳоро гирифта, ба хона метозад, баъди андешаи зиёде он халтаро дар таххонааш пинҳон мекунад, аммо аз ҳамон лаҳза кайфаш мепарад: ба дарди бехобӣ гирифтор мешавад, ҳама гуна садоҳо боиси ташвишаш мегарданд, гумон мекунад, ки ба кулбааш дузде омадааст ё ягон балои дигаре...

Хулоса, дигар барои замзамаи суруду хушҳолӣ ва бӯса ба рухи ёри дамсозаш на вақт мёебаду на хоҳиш...

Охири охирон мӯзадӯз халтаи пулро ба ҳамсояаш баргардонда изҳор мекунад: «Ту бо пулҳоят чи хеле мехоҳӣ, зиндагӣ куну ба ман кордор нашав, хушҳоливу сурудхонии ман аз ин пулҳо дида арзиши зиёдтаре доранд...».

**Хулосаи масал:** *Сарвате, ки боиси парешонии фикр ва ташвиши рӯҳӣ бошад, сарват не, фоҷиаи рӯзгори одамист. Вақти хуши камбизоате аз сарсонии фикрии ҳар сарватманд ҳазор бор беҳтар аст. Ками бегам насиби озодагону худододагон аст.*

***Тарҷума ва хулосаи Ҳафиз РАҲМОН***

## Арақи Мавлоно

Мавлоно Саъдуддини Кирмонӣ сахт сиёҳчурда буд. Шабе дар ҳуҷра рафт. Шишаи мидод (ранг) аз девор овехта буд. Дӯш (китф) бар он зад, бишкаст. Ҷомаи сафед дошт, пушташ сиёҳ шуд. Субҳ ҷомаро пӯшид ва он сиёҳӣ надид ва ба манзили Мавлоно Қутбуддини Шерозӣ рафт. Асҳоб ӯро бо назар оварданд. Яке гуфт:

- Ин чӣ расвоист?

Дигаре гуфт:

- Ин расвоӣ нест, арақи Мавлоност.

***(Аз «Рисолаи Дилкушо»-и Убайди Зоконӣ)***

## Толибилми 84 – сола

Сокини 84 – солаи Ҷумҳурии Ҳиндустон Шив Шаран имсол ҳам аз имтиҳонҳои солонаи мактабӣ афтид. Соли 38 – ум аст, ки мӯйсафеди мактабхон аз синфаш меафтад. Шив Шаран фермери нафақахӯр буда, аз соли 1984 орзуи маълумоти миёна гирифтанро дорад. Ҳамон сол ӯ ба синни 40 даромада буд ва қасам ёд кард, ки то мактабро хатм накунад, хонадор намешавад.

Аз он сол то ба имрӯз ӯ имтиҳон месупораду вале ҳамааш бефоида. «Баъди хатми мактаб мехоҳам ба духтари аз 30 – сола поён оиладор шавам», - мегӯяд мӯйсафеди бесавод. Ӯ боз ба имтиҳони навбатӣ омодагӣ мебинад.

## Танҳо бо як ҷумла

*Ғафсии яхи Антарктида 4 километрро дар бар мегирад.*

***

*Оби кӯли Байкал аз тамоми кӯлҳои калонтарини Америкаи Шимолӣ зиёдтар аст.*

***

*Оби борон дар дохили абри сиёҳ доим дар ҳаракат асту ба жолаи амсоли тӯби теннис мубаддал мегардад.*

***

*Мағзи сари мӯрчаҳо аз ҷисмашон калонтар аст.*

***

*Олимон Заминро сӯрох кардаанд, вале ҳанӯз 1/750 қисмати онро то мобайнаш сӯрох намудаанду халос.*

## Нобиғаҳо қабл аз марг чӣ гуфтаанд?

**Импреатори Рим - Нерон** пеш аз марг дод зададаст: «Чӣ хунарманди бузурге мемирад!»

**Оноре де Балзак** ҳангоми вафоташ яке аз персонажҳои қиссааш, табиби кордон Беншонро ба хотир оварда гуфтааст: «Ӯ маро наҷот медод!»

Дар лаҳзаи охири умр **Леонардо да Винчи** нидо кардааст: «Ман Худову одамонро ранҷонидам, эҷодиёти ман ба дараҷае, ки мехостам, нарасид».

**Анна Ахматова**и бемор баъди сӯзандору гуфтааст: «Ба ҳар ҳол, аҳволам хеле бад аст».

Нейрохирурги барҷастаи Шӯравӣ **Иван Сергеевич Павлов** ҳамагӣ пеш аз чор дақиқаи фаро расидани маргаш ба шогирдони дар болои сарашбуда муроҷиат кардааст: «Нависед, ана ҷон аз дастҳо ба камарам фуромад. Акнун ба пойҳо ҳаракат дорад. Ҳамагӣ ду – се дақиқаи дигар бо шумояму халос».

Ҳарфҳои охирини **Эйнштейн**ро касе намедонад, зеро беморбони наздаш нишаста забони олмониро намедонист.

***Таҳияи Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»***

## Ҳулбӯ

Ҳулбӯ (пудина) рустании бисёрсола аст. Аз оилаи лабгулҳо буда, то 1 метр қад мекашад ва бӯйи махсус дорад. Ин гиёҳ дар моҳи июн гул мекунад.

Ҳулбӯро дар тамоми гӯшаву канори диёрамон дидан мумкин аст. Аз даврахои қадим мардум хосияти шифобахшии ин гиёҳро медонистанд.



Барги ҳулбӯ аз 1,5 то 4% равғани эфир, каротин, ментол ва ғайра таркиб ёфтааст ва дар саноати дорусозӣ истифода мешавад.

Ҳангоми сахт хунук кардани равғани ҳулбӯ менталро аз дигар моддаҳои кимиёвӣ ҷудо карда мегиранд, ки дорои хосияти аҷиби дорусозист. Ментали таркиби ҳулбӯ ба васеъ шудани рагҳои дил ва мағзи сар ёрӣ мерасонад. Ментал бо таркиби валидол, валекардин, петрусин барин доруҳо дохил мешаванд.

Истеъмоли доруҳои аз ҳулбӯ тайёршуда дар вақти рагкашии мушакҳои бадан, бемории меъда, бемории дил, рӯда, ҷигар, гурда таъйин карда карда мешавад. Равғани ҳулбӯро дар атриёт, барои тайёр кардани ҳамираҳои дандоншӯӣ, собун, қанд ва шарбат (барои хушбӯй ва хуштаъм кардан) истифода мебаранд. Мардуми мо барги ҳулбӯро дар хӯрокҳои баҳорӣ меандозанд. Дар тибби қадим ҳулбӯро ҳамчун доруи қувватбахшу тозакунандаи бадан, аракҳрони пешобовар истифода мебурданд.

Ривоят мекунанд, ки Луқмони Ҳаким писаре доштааст. Рӯзе бемор мешавад. Луқмон, ки ҳама бемориҳоро табобат мекард, писари ягонаи худро муолиҷа карда наметавонад. Писараш мефавтад. Луқмони Ҳаким барои фаҳмидани сабаби вафоти писараш шиками ӯро чок карда мебинад, ки дар талхадон санги калонест. Яъне писараш аз бемории санги талхадон мурдааст.

Луқмони Ҳаким барои нигоҳ доштани санг аз он думчаи корд месозад. Боре ҳангоми кор дар саҳро кордашро болои ҳулбӯ мегузорад. Пас аз як чанд соат чун корди худро мехоҳад гирад, мебинад, ки думчаи сангини он об шудааст. Афсӯс мехӯрад, ки давои дарди писараш ҳулбӯ будааст аз он бехабар мондааст.

***Шариф АРАБОВ, ноҳияи Варзоб***

## 100 шахсияти шинохтае, ки умри кӯтоҳ дидаанд

71. Носирҷон Маъсумӣ – олим ва шоири тоҷик (1915 – 1974), **59 сол.**
72. Юлиус Фучик – нависанда, мунаққид, қаҳрамони миллии чех (1903 – 1943), **40 сол.**
73. Ҳабиб Юсуфӣ – шоири тоҷик (1916 – 1945), **29 сол.**
74. Алиназар Хоҷаев – актёр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1920 – 1968), **40 сол.**
75. Александр Фадеев – нависандаи рус (1901 – 1956), **55 сол.**
76. Пӯлод Толис – адиби тоҷик (1929 – 1961), **32 сол.**
77. Кароматулло Курбонов – сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1961 – 1992), **31 сол.**
78. Ғоиб Сафарзода – шоири тоҷик (1940 – 1972), **32 сол.**
79. Башоратхон Тоҷиева –Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1916 – 1965), **49 сол.**
80. Муаззама Ахмадова – нависандаи тоҷик (1952 – 1987), **35 сол.**
81. Урфии Шерозӣ – шоири форсизабони Ҳиндустон (1556 – 1591), **35 сол.**
82. Фредерик Франсуа Шопен – композитор, пианисти машҳур, асосгузори мактаби композитории Полша (1810 – 1849), **39 сол.**
83. Маъруф Раҷабӣ – адабиётшиноси тоҷик, доктори илми филология (1955 – 2001), **46 сол.**
84. Василий Шукшин – нависанда, режиссёр, киноактёри рус (1974 – 1929), **45 сол.**
85. Емилян Пугачёв – роҳбари ҷанги деҳқонон дар Россия (1742 – 1775), **33 сол.**
86. Михаил Юревич Лермонтов – шоири рус (1814 – 1841), **27 сол.**
87. Владимир Маяковский – шоири шӯравии рус (1893 – 1930), **37 сол.**
88. Сергей Есенин – шоири рус (1895 – 1925), **30 сол.**

**(Давом дорад)**

## Чанд шингил аз хандохандӣ замони Шӯравӣ

*Омӯзгори биология мавзуи навро дар бораи пайдоиши одам ба хонандагон шарҳу тавзеҳ мебахшад. Дар фарҷоми дарс хонандагон ба муаллим саволҳо медиҳанд.*

*Хонандае мепурсад:*

*-Ман дуруст нафаҳмидам, одам аз чӣ пайдо шудааст?*

*Муаллим:*

*-Фаҳмондам-ку, одам дар раванди меҳнат аз маймун пайдо шудааст.*

*Баъд аз саволҳои хонандагони дигар, хонандаи аввал бо ҳазл аз омӯзгор мепурсад:*

*-Устод, як бори дигар мефаҳмонед, ки одам аз чӣ пайдо шудааст?*

*Муаллим бо ғазаб:*

*-Аз ту барин маймун.*

***

*Ба идораи нашрияи «Адабиёт ва санъат» навқаламе ҳикояи худро меорад. Нависандаи шинохтае ба навишта назар карда, чашмаш ба ному насаби муаллиф меафтаду хандида мегӯяд:*

*-Дирӯз Палангов ном шахсе ҳикоя оварда буд, имрӯз бошад, Малахов.*

***

*Дар танаффуси байни дарсҳо суҳбати омӯзгорон дар бораи бартариҳои замони Шӯравӣ меравад.*

*Чанд нафар бо таассуф аз он ёд мекунанд, ки дар он даврони тиллоӣ зимистон сахт меомад, барфҳои зиёд меборид. Аз бомгӯшаҳо яхҳо чун тег овезон мешуд.*

*-Аҷиб,-мегӯяд нафаре,- ҳоло ин хел зимистону барфҳои баланд дигар ба чашм намерасад.*

*Омӯзгори ҳаззоле садо баланд мекунад:*

*-Эҳ шумо содаҳо! Охир, дарк намекунед, ки бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ он зимистону барфҳо низ аз байн рафтанд.*

***

*Писарбачаи мактабхон, ки Додарҷон ном дошт, ҳамроҳи модараш ба шаҳри калон омада, дар бозор мегардад, то колою мавод харид кунанд.*

*Дар аснои роҳ гаштан марди миёнаумре ногаҳон пойи писаракро зер мекунаду узр мехоҳад:*

*-Мебахшед, додар, ман пойи шуморо нохост зер кардам.*

*-Шумо номи маро аз куҷо медонед? -ҳайрону даҳонвоз мегӯяд писарак.*

***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

*Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,*
*Ки моя надорад зи дониш басе.*
*Дақиқӣ*



ПОСИ ХОТИР

# Аз аҷал нест касе монда амон, гиря макун

Душвор аст ба хотир овардани нафареро, ки дар сафҳаи ҳаётат нақши мондагор гузоштаасту ӯро ба таври ногаҳонӣ аз даст медиҳӣ. Чӣ чора? Аҷал парвои синну сол надорад.

Як сол пеш аз ин пас аз беморӣ қалби олими шинохта ва донишманди неруманди илми педагогикаи тоҷик, устод Муҳиддин Саидов аз тапидан бозмонд. Устод Муҳиддин Саидов соли 1983 факултети механика-математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро (ҳоло ДМТ) хатм намуда, фаъолияти омӯзгориашро аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансур оғоз намуд.

Номбурда солҳои 1985-1992 дар вазифаҳои ассистент, омӯзгори калони кафедраи физикаи экспериментлӣ, солҳои 1992-1996 – ноиби ректор оид ба иқтисод ва хоҷагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, солҳои 1996-2001 омӯзгори калони кафедраи физикаи умумии ДАТ ба номи Ширншоҳ Шоҳтемур, солҳои 2001-2004 - ноиби ректор оид ба иқтисод дар ДҶТИБКСМ, солҳои 2004-2005 - мудири шуъбаи табиию риёзии Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, солҳои 2005-2009 - директори коллеҷи омӯзгорӣ ва техникии ноҳияи Рӯдакӣ, солҳои 2009-2010 - сардори бахши хадамоти назорати сифати таълим дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, солҳои 2010-2013 - дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, аз соли 2014 то охирин рӯзҳои ҳаёт дар вазифаи мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст.

Тахти роҳбарии ин олими шинохта зиёда аз 10 нафар шогирд рисолаҳои номзадии хешро ҳимоя намудаанд. Инчунин, ӯ муаллифи зиёда аз 90 мақолаи илмӣ, 11 дастури таълимӣ ва 2 монография буд.



Аз устод хотираҳои зиёде боқӣ мондааст. Борҳо иттифоқ афтодааст, ки ҳамроҳи эшон ба дидорбинии шодравон падарашон бобои ҳоҷӣ Вайсиддин, ки дар деҳаи Чаманзор (собиқ Гургхӯрда)-и шаҳри Ваҳдат яке аз шахсони соҳибэътибор буданд, мерафтем. Аҷоиб шахси хоксору фурӯтан ва дидадаро буданд, чеҳраашон доим моил ба табассум буд. Дар меҳмондорӣ ҳамто надоштанд. Устоди марҳум пайваста иброз медоштанд, ки давлату дороии ман қиблагоҳам ҳастанд. Ҳар кореро, ки оғоз карданӣ мешуданд, сараввал аз падар фотиҳа мегирифтанд. Тамоми муваффақиятҳои кори худро аз дуои неки падар медонистанд.

Чун бо устод хеле унс гирифта будам, ба хонаашон бисёр мерафтам, аҳли оилаашон ҳамагон маро хуб мешинохтанд. Дар байни фарзандонашон Кароматулло бо одобу ахлоқи ҳамида ва соҳибсуханӣ фарқ карда меистод. Чунон боодобонаву моҳирона сухан мегуфт, ки ҳар шунаванда дар ҳайрат меафтод. Устод бо Кароматулло ифтихор мекарданд ва ӯ низ ба падар муҳаббати беандоза дошт. Устод дар тарбияи фарзандон хеле сахтгир буданд.

Дар рӯзи вафоти падар духтари яккаву ягонаашон Фарзона месӯхту месӯхт. Оҳу шеван мекарду худро ба дару девор мезад. Оҳ, падарҷони азизам! Ҷигарам пора шуд. Зиндагӣ акнун бароям маъноящро гум кард.

Ба назарам чунин мерасад, ки гӯё устод ба пайвандон ва ёру дӯстон хитобан мегуфтанд:

*Ҳаст ин қофилаи умр равон, гиря макун,*
*Равад аз даҳр ҳама пиру ҷавон, гиря макун,*
*Аз аҷал нест касе монда амон, гиря макун,*
*Кам шавад умр ба ҳар соату он, гиря макун,*

*Дар сари турбати ман навҳазанон гиря макун.*

Ҷойи устод дар қалбҳои мо, дӯстону ҳамкасбон ва шогирдон, холӣ буда, меҳру муҳаббат ва хотираи некашон дар ёдҳо ҷовидона боқӣ хоҳад монд.

***Зайниддин АҲАДОВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ***

# Ёди ӯ андар дилу дар дида монд

Марг риштаи ҳаёти собиқ ҳамкори мо Авазбек Ширинбековро дар 72-солагӣ барканд. Авазбек пагоҳии барвақт бо як хушҳолӣ ба кор меомад, ба дафтари кории ҳамкорон ворид мешуд, бо самимияти ба худ хос дасти ҳамкоронро сахт мефишурд ва аз сиҳативу саломатӣ ҳар кадоми моро мепурсид. Солҳои охир ҳамкори меҳрубони мо бемории қанд дошту фишори хун азияташ медод.



Авазбек Ширинбеков соли 1974 факултаи забон ва адабиёти руси Донишкадаи омӯзгории шаҳри Самараи Россияро хатм намуда, баъди бозгашт чанд сол дар зодгоҳаш-ноҳияи Ванҷ ба касби омӯзгорӣ мепардозад. Тақдир ӯро сокини шаҳри Душанбе гардонд, Авазбек бо дасту дили гарм боз ба пешаи омӯзгорӣ дар пойтахт идома бахшид. Азбаски омӯзгори пешқадам буду тахассусашро хеле хуб медонист, аз тариқи озмун дар Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ вазифаи мутахассиси Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумиро ишғол кард. Пасон, солҳои зиёд дар Хадамоти давлатии соҳаи маориф (ҳоло Агентии давлати назорати сифати таҳсилот дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳайси сармутахассис ифои вазифа намуд.

Дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ҷумҳуриявиии таълимию методӣ таъсис ёфт ва Авазбек Ширинбеков чун омӯзгори забони русӣ то ба нафақа баромадан, дар вазифаҳои сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, китобдор, ва мутахассиси шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Марказ кору фаъолияти шоиста анҷом дод. Чанд муддат дар нашриёти «Маориф» ба ҳайси муҳаррир заҳмат кашид. Хидматҳои пурсамари А. Ширинбеков борҳо бо Ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, инчунин, бо нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

Гурӯҳи ҳамкорон:

***Ҷ. ИМАТШОЕВ,***
***Ҳ. СОДИРОВ,***
***Б. ҲАЙДАРОВ***
***ва дигарон***

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №1262620 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2021 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №107-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Нурҷонзода Шоира Шамсуддин додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №308718 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1982 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шарипова Сайрам Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №004283, ки онро соли 1987 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Эгамбердиев Ҷамшед Каримович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БП 820415, ки онро соли 1981 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44 ба номи Қурбонов Нори ноҳияи Варзоб ба Содиқов Саъдулло Сайфуллоевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №132684, ки онро соли 1985 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Нажмудинов Ибрагимжон Усмонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №131922, ки онро соли 1986 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Бобохонов Таварали Раджабович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БП - №775785, ки онро соли 1980 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Саидов Мухидин Метинович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумушдаи А №225695 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1981 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Джобирова Низора Наврузовна додааст, эътибор надорад.

## Диққат: озмун!

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор» - и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон барои беҳтарин мақолаҳо дар мавзӯи «Пешвои миллат – ҳомӣ, арҷгузор ва тарғибгари забони тоҷикӣ» озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба хидматҳои барҷаставу мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони тоҷикӣ ва ифтихори миллию асолати таърихӣ дар осори Пешвои муаззами миллат таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Мақолаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва ё методӣ бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи сентябр идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон (5-уми октябр) ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**

**Ҷойи 1 – 2200 сомонӣ**
**Ҷойи 2 – 1600 сомонӣ**
**Ҷойи 3 – 1200 сомонӣ**

**Таъкид:**

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times Nev Poman Tj. 14 - 1,5 интервалӣ) зиёд бошад, дар акси ҳол, ба озмун роҳ намеёбанд.

Пас аз ҷамъбасти озмун мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида интишор хоҳанд шуд.

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**
**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»**

## Диққат: озмун!

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо мақсади нақшгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат эълон шудааст, барои беҳтарин мақолаву гузоришҳо дар мавзуи **«Нақши маориф ва илм дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат» озмун эълон менамояд.** Нигоштаҳое, ки ба озмун фиристода мешаванд, бояд ба умдатарин масоили рушди саноат, ҳамбастагии илму амал, имконоту мавқеи аҳли маориф вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар бахшида шуда, мулоҳизоту пешниҳодот ва андешаву баррасиҳои ҷолибро дар бар гиранд, забони равону муассир дошта бошанд.

**Озмун аз оғози моҳи феврал то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ҷамъбаст мегардад.**

**Барои ғолибон мукофотҳои зерин муқаррар шудааст:**

**Ҷои аввал: 2000 сомонӣ**
**Ҷои дуюм: 1500 сомонӣ**
**Ҷои сеюм: 1000 сомонӣ**

Ғолибон, ҳамчунин, бо ифтихорнома ва тухфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Rjman Tj 14-1,5 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: М. ИМОМЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, М. САЛОМИЁН, Г. ҒАНИЗОДА, Д. ҚОДИРЗОДА, Н. СОБИРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора А. МУРОДӢ*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 39477 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мусоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.